# ТОҶИКИСТОН

*Рӯзномаҳо зиёданд, «Тоҷикистон» яктост!*





**Бузургонро бузургон**
**зинда медоранд,**
**Бузургонро бузургони дигар**
**поянда медоранд...**


Нашри махсуси ҳафтаномаи "ТОҶИКИСТОН" бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров



115 сол

2024

ТОҶИКИСТОН

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~



**Эмомалӣ РАҲМОН,**
Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Дар ташаккули ҳар халқу миллат бузургоне ҳастанд, ки номи онҳо дар ҳеҷ давру замон аз хотираи мардум фаромӯш намешавад. Яке аз чунин чеҳраҳои мондагор фарзанди фарзонаи миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки ҳамчун ходими барҷастаи сиёсиву давлатӣ ва роҳбари аввал дар рушду пешрафти ҷумҳурӣ ва ҳамчун олим ва муҳаққиқ дар омӯзишу таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ва ташаккули мактаби илмии таърихшиносии миллат нақши бориз гузоштааст.

**Emomali RAHMON,**
President of the Republic
of Tajikistan

In the development of every people and nation, there are great people whose names will never be forgotten from people's memory.  One of such tireless faces is the progeny of the nation, the Hero of Tajikistan, academician Bobojon Gafurov, who as an outstanding political and state worker and the first leader in the development and progress of the republic and as a scientist and researcher played a prominent role in the study and research of the history of the Tajik people and the formation of the scientific school of national historiography.

**Эмомали РАХМОН,**
Президент Республики
Таджикистан

В развитии каждого народа и нации встречаются великие люди, имена которых останутся навсегда в народной памяти. Одним из таких выдающихся личностей является Герой Таджикистана, академик Бободжон Гафуров. В своей выдающемся политической и государственной деятельности он, как первое лицо в республике, сыграл большую роль в развитии и прогрессе страны. Бободжон Гафуров проявил себя не только как выдающийся политик, но и как ученый и исследователь, посвятивший себя изучению истории таджикского народа. Его вклад в формирование научной школы национальной историографии оказался значительным, что сделало его важным фигурантом в интеллектуальной жизни республики.

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ЭҲЁГАРИ

**Раҷаббой АҲМАДЗОДА,**
**Раиси вилояти Суғд, муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Гиромидошти хидматҳои муаллифи китоби барои миллати мо муқаддаси «Тоҷикон» - академик Бобоҷон Ғафуров, ки солҳои 1946-1956 бевосита Роҳбари ҷумҳурӣ ва солҳои 1956-1977 директори бузургтарин маркази шарқшиносии ҷаҳон - Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ буд, дар сарҳати сиёсати маърифатпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.



*Раҷаббой Аҳмадзода, Раиси вилояти Суғд*

Боиси ифтихору сарбаландист, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз лаҳзаҳои нахустини масъулияти давлату давлатдориро бар дӯш гирифтану Сарвари давлат интихоб шуданашон, баробар бо таъмини сулҳу ваҳдат, аз нав бунёд кардани сарзамини ҷангзада, ба Ватан баргардонидани фирориён, пешбурди зиндагонии халқ, ба арсаи созандагӣ ворид намудани чор ҳадафи стратегӣ ва баланд бардоштани мақоми байналмилалии Ҷумҳурӣ, барои эҳёи таърих, гиромидошти рӯзгору корномаҳои симоҳои тобноки илму адаб ва фарҳангу маънавият, арҷгузорӣ ба дастовардҳои моддиву фикрии ниёгони шарафманд, ҳифзи ёдгориҳои гаронбаҳои таърихӣ, таҷдиди анъанаву суннатҳои шоёни пешиниён саъю талош менамоянд.



*Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода зимни боздид аз Осорхонаи ҷумҳуриявии Бобоҷон Ғафуров*

Пешвои миллат дар Паёмҳои анъанавӣ, вохӯриву мулоқот бо зиёиёни мамлакат, сокинони кишвар, инчунин, дар суханрониҳои худ дар конфронсу ҳамоишҳои сатҳи ҷаҳонӣ аз осору мерос ва хидматҳои арзандаи бузургони халқи тоҷик, бахусус шоирону нависандагон, олимону муҳаққиқон, пешвоёни дину оин, ирфон, устодони санъату ҳунар, амсоли Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва суханварони дигар, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Абӯрайҳони Берунӣ ва олимони дигар, Имоми Аъзам, Имоми Бухорӣ, Имоми Муслим ва дигар пешравони дину оийн, Ҳаким Тирмизӣ, Абулҳасани Ҳуҷвирӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Ҳаким Санойии Ғазнавӣ, Фаридуддини Аттори Нишопурӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ ва орифони дигар, Монӣ, Борбад, Беҳзод ва ҳазорон ҳунёгару ҳунармандии асили қадиму муосир ёдовар мешаванд.

Имрӯз дар радифи мардуми тоҷик халқҳои дигари ҷаҳон низ тавассути асарҳои бо забонҳои гуногуни олам, аз қабили забонҳои русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, чинӣ, арабӣ, қазоқӣ, ӯзбекӣ ва дигар забонҳо тарҷумашудаи Президенти кишвар аз ҷойгоҳу мақоми тамаддуни мо дар таърихи башарият иттилоъ комил меёбанд. Роҳбари давлат тавассути осори худ, бахусус асарҳои марбут ба таърих ва зиндагиномаи шахсиятҳои таърихӣ сахми олимону донишмандон ва адибону сиёсатмадорони дар тӯли қарнҳо арзи вуҷуд кардаро дар ташаккулу таҳаввули илму фарҳанги ҷаҳонӣ бо далелу нуктаҳои раднопазир таъкид менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки барои ҷомеаи Тоҷикистон китобҳои дар бораи Имоми Аъзам, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ таълифкардаи Пешвои миллат, китобҳои мукаммалу фарогири хос ба таърихпажӯҳиву тадқиқи забони модарӣ, амсоли «Тоҷикон дар оинаи таърих», асари дуҷилдаи «Забони миллат - ҳастии миллат», китоби «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ», «Саразм - хазинаи тиллоии таърихи халқи тоҷик» (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), «Чеҳраҳои мондагор» ва асарҳои дигарашон ҳамчун манбаи шинохти таърих пайваста судманд хоҳанд буд.

Дар ин бора Пешвои муаззами миллат дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» доир ба ташаббусҳои ибратомӯзонаи дар замони истиқлол суратгирифта аз ҷумла чунин таъкид намудаанд: «Дар солҳои соҳибистиқлолӣ мо тавонистем як силсила маъракаҳои муҳими илмиву адабӣ ва фарҳангиро бо иштироки донишмандон ва коршиносони маъруфи ватаниву хориҷӣ дар сатҳи баланди байналмилалӣ баргузор намоем. Таҷлили ҷашни бошукӯҳи 1100-солагии давлати Сомониён, 2700-солагии китоби муқаддаси «Авасто», ҳазораи «Шоҳнома», 1310-солагии Имоми Аъзам, бузургдошти Борбади Марвазӣ, устод Рӯдакӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Камолиддини Беҳзод, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров аз ҳамин қабиланд. Чунин ҷорабиниҳо на танҳо мавриди бисёр муносиб барои шинохти амиқ ва таҳқиқу баррасии осори илмиву адабӣ мебошанд, балки воситаи муассири дар заминаи арзишҳои миллии гузашта ва муосир тарбия намудани насли ҷавон ва баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ махсуб меёбанд».

Шоистаи баён аст, ки Пешвои миллат дар баробари ҳамаи симоҳои номдору шуҳратманди Ватан дар замони муосир, ба алломагон Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров эҳтирому иродати афзун доранд. Ҳар гоҳ сухан аз ҷараёни ин давраи нави таърихӣ равад, Сарвари давлат барои наслҳои имрӯзу фардо аз фидокориву ҷоннисориҳои ин фарзандони фарзонаи халқу миллат ёдовар мешаванд: «Даҳҳо ва садҳо фарзандони баору номуси халқро ном бурдан мумкин аст, ки барои озодӣ, ободӣ ва обрӯи миллату истиқлоли Ватани азиз фидокориву ҷоннисориҳо кардаанд. Аз байни ин фарзандони сарсупурда ман ду нафарро махсус ном бурдан мехоҳам, ки барои ташаккули миллат, болоравии ҳисси худшиносию ватандорӣ ва истиқлоли тоҷикон хизмати бузург кардаанд. Ин ду фарзанди барӯманди халқ устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров мебошанд. Садриддин Айнӣ мавҷудияти халқи тоҷикро ҳамчун миллати қадимаи Осиёи Марказӣ исбот намуда, ҳаққу ҳуқуқҳои қонунии ин миллатро барои ташкил додани давлатдории миллии худ ба миён гузошт. Бобоҷон Ғафуров иқдоми ватандӯстонаи Садриддин Айниро идома дода, баробари фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ таърихи қадимаи миллаташро ба шакли як асари ҷомеъ аз замонҳои қадимтарин то рӯзҳои мо навишта, пойдевори истиқлол ва худшиносии тоҷиконро ҷовидона сохт. Мо бо камоли эҳтиром ва сипосгузорӣ ба ин ду фарзанди фарзонаи миллат аввалин унвони «Қаҳрамони Тоҷикистон»-ро муносиб донистем».

Гиромидошти хидматҳои муаллифи китоби барои миллати мо муқаддаси «Тоҷикон» - академик Бобоҷон Ғафуров, ҳамон шахсияти барои халқ гиромие, ки солҳои 1946-1956 бевосита Роҳбари ҷумҳурӣ ва солҳои 1956-1977 - то лаҳзаҳои вопасини умр директори бузургтарин маркази шарқшиносии ҷаҳон - Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ буд, дар сарҳати сиёсати маърифатпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти

# КОРУ ПАЙКОРИ БУЗУРГОНИ ВАТАН

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Сарвари давлат соли 2011 барои бо теъдоди 50 ҳазор нусха чоп кардани «Тоҷикон», ба забони англисӣ тарҷума кардани ин шоҳасар ва дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 26-уми декабри соли 2019 барои ба ҳар оила тӯҳфа намудани он дастур доданд.

Ҳамчунин, амри худро (№АП-227, 07.07.2022) доир ба баргузории озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» дар соли 2023 ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров ба тасвиб расониданд, ки мақсади он арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷик дар тӯли таърих, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳофизаи таърихӣ ва ба ин васила, шинохти нақши халқи куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни инсоният мебошад.

Бояд арз дошт, ки ин ҳадафҳо бо далелҳову санадҳои қотеъу раднопазир ва бо такя ба сарчашмаҳои илмию таърихӣ дар китоби пурарзиши академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ва дигар асарҳои таърихӣ дарҷ гардидаанд.

Пешвои муаззами миллат дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии академик Бобоҷон Ғафуров 24-уми декабри соли 2008 чунин иброз намуданд: «Академик Ғафуров бо овардани садҳо далелу бурҳони қотеъ ва дар асоси ҳазорҳо сарчашмаву манбаъҳои асил собит намуд, ки миллати фарҳангсоз ва тамаддунофари тоҷик ба таҳрифи огоҳонаи таърих ё ба ибораи дигар, таърихсозӣ ва бузургтарошӣ умуман ниёз надорад. Зеро ин миллат соҳиби таърихи тӯлонӣ ва фарҳангу адабиёти пурғановат мебошад, ки ҳатто бо шинохту ошноии мухтасар нақши онро дар тамаддуни ҷаҳонӣ эҳсос кардан мумкин аст. Корномаи безавол ва талошу муборизаҳои далеронаи фарзандони бонангу номуси халқи мо Спитамен, Абӯмуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Сунбоди Муғ, Деваштич, Исмоили Сомонӣ, Тоҳир ибни Ҳусайн, Яъқуби Лайс, Темурмалик, Маҳмуди Торобӣ ва садҳову ҳазорон шахсиятҳои фидокор худ далели бебаҳси руҳи муборизу озодихоҳиву меҳанпарастӣ, салобату ҷавонмардӣ, ҳусни тадбиру зиракӣ ва ормонҳои ҳамеша зиндаи истиқлолхоҳӣ мебошанд, ки дар китоби заррини таърихи тоҷикон ҳамчун дарси ибрат барои наслҳои имрӯзу оянда сабт шудаанд».

Ба хотири дар амал татбиқ намудани ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат ҷиҳати гиромидошти хидматҳои бедареғи аллома Бобоҷон Ғафуров ва таҷлили 115-солагии ӯ Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд чорабиниҳои зиёди илмиву тарғиботиро ба нақша гирифт. Дар ин замина баъди таъмиру азнавсозӣ Осорхонаи ҷумҳуриявии Бобоҷон Ғафуров бо иштироки Сарвари давлат 14-уми ноябри соли 2023 ифтитоҳ гардида, муҷассамаи ин олими бузург низ дар ин мавзеъ қомат афрохт.

Ҳамзамон, 17-уми ноябри соли равон дар маркази вилоят, дар Театри давлатии мазҳакаи мусиқии ба номи Камоли Хуҷандӣ бахшида ба ин сана таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами таърих ва фарҳанги Осиёи Марказӣ» бо иштироки доираи васеи олимони ватаниву хориҷӣ конференсияи байналмилалӣ баргузор гардид.

Ба хотири арҷгузорӣ ба шахсияту мероси гаронмояи академик Бобоҷон Ғафуров дар тамоми мактабҳо, литсею гимназияҳо, донишкадаву донишгоҳҳо, китобхонаҳо, осорхонаҳо ва дигар муассисаҳои маорифу фарҳанг маҳфилҳои «Тоҷиконхонӣ», муаррифию мутолиаи осори академик Бобоҷон Ғафуров, нишасту суҳбатҳои илмӣ, конфронсҳо, шабҳои адабӣ ва дигар чорабиниҳои омӯзанда баргузор шуданд.

Бояд ба таври махсус ёдрас шуд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ на танҳо шоҳасари «Тоҷикон», балки бархе аз осори ин муҳаққиқи беназир ба табъ расид ва ҳоло олимон дар пайи нашри куллиёти мероси илмии академик Бобоҷон Ғафуров ҳастанд.

Бо ташаббуси Меъмори сулҳу ваҳдат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо забонҳои гуногуни олам тарҷума шудани китоби «Тоҷикон», ба номи ин некфарзанди халқ гузоштани яке аз муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олии касбии мамлакат - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва яке аз ноҳияҳои калонтарини кишвар - ноҳияи Бобоҷон Ғафуров шаҳодати абадан зинда гардонидани ёдгори волои қаҳрамонфарзанди Ватан аст.

Миллати тоҷик сарафроз аз он аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мактаби таърихнигории бузургони миллат, аз ҷумла академик Бобоҷон Ғафуровро идома бахшиданд, ки намунаи равшани он асари пурарзишу ҷомеи «Тоҷикон дар оинаи таърих» мебошад. Дар пешгуфтори ин асар Пешвои миллат аз хидматҳои аллома Бобоҷон Ғафуров чунин ёдовар шуданд: «Руҳи равони фарзанди фарзонаи халқ, академик Бобоҷон Ғафуров шод бод, ки шоҳасари безаволи ӯ «Тоҷикон» воқеан шиносномаи миллати мо гардида, барои ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии мардуми мо хидмати арзанда намуд. Ин марди бузург аз осорхонаи беинтиҳои таърих осори тамаддун ва мероси фарҳангии миллати тоҷикро зарра-зарра ҷамъ оварда, ба риштаи таҳрир кашид, танзиму даврабандӣ кард ва ба оламиён исбот намуд, ки тоҷикон қадимтарин сокинон ва соҳибони ин марзу бум буданд ва ҳастанд. Асари «Тоҷикон» воқеан шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торики фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносию ифтихори миллиро ба бор овард ва ба фарзандони бедордилу фидоӣ руҳу мадор бахшид. Дар он давраe, ки ғояҳои интернатсионализми сохта мағзу устухони низоми мавҷударо фаро гирифта, ҳама гуна кӯшишҳои худшиносии миллӣ саркӯб мешуданд, аз ҷониби роҳбари мақоми аввали ҷумҳурӣ даст задан ба омӯзиши тақдири таърихии миллати тоҷик худ як қаҳрамонӣ буд».



PRESSA.TJ

***Бобоҷон Ғафуров иқдоми ватандӯстонаи Садриддин Айниро идома дода, баробари фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ таърихи қадимаи миллати тоҷикро ба шакли як асари ҷомеъ аз замонҳои қадимтарин то рӯзҳои мо навишта, пойдевори истиқлол ва худшиносии тоҷиконро ҷовидона сохт.***

Табиист, ки чунин баҳогузорӣ ва маърифати воқеии дурусту фарогири «Тоҷикон» моро водор менамояд, ки асли худро бишносем, худшиносу худогоҳ бошем ва ба кӯдакону наврасон, ҷавонон ва тамоми мардум моҳияти ҳофизаи таърихӣ, асолату ҳувияти миллӣ, ватандӯстӣ ва дигар арзишҳои милливу таърихиро фаҳмонем.

Пешвои муаззами миллат дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» фасли алоҳидаеро бо номи «Олими тавоно ва Арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ» ба гиромидошти хидматҳои аллома Бобоҷон Ғафуров бахшидаанд. Дар ин ҷо хидматҳои ин фарзанди некхоҳу дурандеши халқу миллат дар ҷодаи хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандии солҳои 20-30-юми асри XX, ки ба босмачигарӣ пайванди амиқ дорад, махсус таъкид шуда, муаллиф нақши Бобоҷон Ғафуровро дар пешбурди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, фарҳанг, маориф ва тамоми бахшҳои ҳаёти иҷтимоӣ ёдрас шудаанд.

Албатта, масъалаи омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва баррасии мавқеи «Тоҷикон» дар ин навишта ҷойи асосиро ишғол менамояд. Пешвои миллат дар ин хусус навиштаанд: «Бобоҷон Ғафуров ҳарчанд аз соли 1956 дар Маскав кору зиндагӣ мекард, лаҳзае аз ёди Тоҷикистон ғофил набуд. Ба пешрафту тараққиёти ҷумҳурӣ, бахусус, инкишофи илму фарҳанги он мунтазам ғамхорӣ зоҳир мекард. Бо дастгирии ӯ дар давоми ин солҳо бисёр ҷавонони тоҷик дар марказҳои бузурги илмии шӯравӣ рисолаҳои илмӣ дифоъ намуда, иқтидори зеҳнии ҷумҳуриро афзун намуданд. Саҳми олим дар тарбияи мутахассисони ҷавони ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ ва Қафқоз низ бузург аст. Ба подоши он некиҳо вай то имрӯз дар ин ҷумҳуриҳо соҳибэҳтиром аст. Бо пешниҳод ва иштироку роҳбарии бевоситаи Бобоҷон Ғафуров аз нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX омодасозӣ ва нашри асари бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» оғоз шуд, ки он солҳои 1963-1965 дар се ҷилд дар Маскав ба табъ расид. Интишори ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик густариш ёфт. Воқеан, яке аз дастовардҳои пурарзиши олим, ки ӯро абадан дар радифи алломаҳои бузурги миллат ҷой дод, шоҳасари безаволи ӯ «Тоҷикон» мебошад, ки соли 1972 дар Маскав ба табъ расид. «Тоҷикон» ба забонҳои японӣ ва полякӣ тарҷума ва нашр шуд, ҳамчунин дар Афғонистон ва Эрон ба табъ расид. Ин асар аз тарафи маъруфтарин мутахассисони тамаддуни халқҳои Шарқ, аз ҷумла, Осиёи Марказӣ, эътироф шуд ва ба таври сазовор арзёбӣ гардид. Китоби «Тоҷикон» барои болоравии худшиносӣ ва худогоҳии миллии халқи мо дар ҳақиқат такони ҷиддие гардид. Маҳз аз ҳамин хотир ба Бобоҷон Ғафуров унвони олии Ватан - «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд».

Шоистаи зикр аст, ки мардуми тоҷик номи аллома Бобоҷон Ғафуровро бо як муҳаббати хоса ба забон мегиранд ва аз ин фарзанди фарзонаи миллат ифтихор доранд. Аз ин рӯ, ҳар як тоҷику тоҷикистониро зарур аст, ки ба қадри заҳматҳои фарзанди хирадманди халқу миллат, аллома Бобоҷон Ғафуров ба корномаҳову ҷоннисориҳои Пешвои муаззами миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бирасад.

Бо як фармудаи бунёдгузори Тоҷикистони навин, Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон хулоса намудани ин навишта ҳусни андешаҳои моро ҳоҳад афзуд: ""Тоҷикон" воқеан шиносномаи миллат аст. Ин шоҳасари безавол, ки самараи меҳнати сисолаи олим аст, аз ҷумлаи таҳқиқоти бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ин асар, бархақ, китоби рӯимизии ҳар як фарди соҳибмаърифати тоҷик мебошад ва барои худогоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии мардуми мо чун обу ҳаво зарур аст".

# БОБОҶОН ҒАФУРОВ

## - ходими илмию сиёсӣ ва бузургтарин муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик

Дар таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи халқи тоҷик чеҳраҳои зиёди мондагоре ҳастанд, ки баҳри истиқлолу озодӣ, ободию пешрафт ва илму фарҳанги миллат нақши босазое гузоштаанд. Яке аз чунин чеҳраҳои мондагори давраи навтарини таърихи миллати мо Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки дар пешрафти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишофи илму фарҳанги муосири тоҷик, илми шарқшиносии садаи XX нақши муассир гузоштааст.



Маҳз барои хизматҳои бузург ва фидокориҳо дар поягузории истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ, инкишофи фарҳанг ва худшиносии миллӣ, ба Бобоҷон Ғафуров бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми сентябри соли 1997 унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.

Бобоҷон Ғафуров ҳамчун шахси покзамир, фарзанди содиқ ва олими дурандеш дар муҳите тарбия ёфта буд, ки аз хурдсолӣ дар он муҳаббат ба илму дониш ва фарҳангу адаб тарғибу ташвиқ карда мешуд.

Самтҳои фаъолияти илмии Бобоҷон Ғафуров хеле гуногунҷабҳа буда, ӯ аз корманди оддии созмони ҷавонон, рӯзноманигорӣ ва муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик то ба дараҷаи шахси аввали ҷумҳурии шӯравӣ, директори калонтарин маркази шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ расидааст.

Бобоҷон Ғафуров ҳанӯз охири солҳои 20-уми асри гузашта фаъолияти эҷодии худро ҳамчун рӯзноманигор оғоз намуда, дар ҳамин давра аз малакаву ҳунари таҳлилгарии хеш дарак медиҳад. Аввалин мақолаҳои таҳлилию танқидии ӯ дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» чоп шудаанд, ки мавзуи асосии онҳоро масъалаҳои таърихӣ, муборизаи ҷомеаи нав ва куҳна ташкил медоданд.

Бобоҷон Ғафуров бо мақсади такмил додан ва баланд бардоштани маҳорати касбии рӯзноманигории худ солҳои 1931-1935 дар Институти коммунистии рӯзноманигории шаҳри Москва таҳсил намуда, пас аз хатми он солҳои 1935-1940 ҳамчун муовин, сармуҳаррир, дастурдиҳанда, мудири шуъбаи матбуоту нашриёт ва мудири бахши сиёсию маърифатии Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон кор кардааст.

Фаъолияти рӯзноманигориро Бобоҷон Ғафуров новобаста аз ишғоли вазифаҳои гуногуни ҳизбию давлатӣ тарк намекунад ва танҳо дар як соли 1940 сенздаҳ мақолаи ӯ доир ба мавзуҳои гуногуни таърихӣ дар маҷаллаву рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ба се забон - тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ нашр мегарданд. Аз ибтидои солҳои 40-уми асри гузашта мақолаҳои калонҳаҷми ин рӯзноманигори аллакай эътирофгардида дар саҳифаҳои рӯзномаҳои марказии шӯравӣ, ба мисли «Известия» ва «Правда» ба чоп мерасанд.

Аз нимаи дуюми солҳои 30-юм фаъолияти сиёсии олим оғоз мегардад, ӯро ба дастгоҳи Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ба кор ҷалб менамоянд. Дар ин давра ӯ дар вазифаҳои гуногуни ҳизбиву давлатӣ кор карда, аввал котиб, сипас котиби дуюм ва аз соли 1947 то соли 1956 котиби якуми Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон интихоб мешавад. Бояд гуфт, ки Бобоҷон Ғафуров нахустин тоҷике буд, ки пас аз ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба чунин вазифаи баланди сиёсӣ интихоб гардидааст.

Дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ҳамчун масъули корҳои идеологӣ дар баланд бардоштани руҳияи ватандӯстии мардум, муборизаи беамон бо фашизм, сафарбарии тамоми неруҳо ба ҷабҳа ва корҳои ақибгоҳ саҳми назаррас мегузорад. Дар баробари ин, аз пешаи рӯзноманигорӣ ва таҳқиқи таърихи халқи тоҷик даст намекашад. 11-уми апрели соли 1941 дар шӯрои Институти таърихи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ рисолаи номзадиро дифоъ мекунад.

Баробари иҷрои вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ маҳз аллома Б. Ғафуров пас аз устод Садриддин Айнӣ дар давраи шӯравӣ ба таври мукаммал ба таҳқиқи таъриху тамаддуни тоҷикон даст зад. Бобоҷон Ғафуров дар марҳалаи нави рушди илму фарҳанги тоҷик риштаи тоҷикшиносиро густариш бахшид, ки аввалин падидаи неку дурахшони он эҷоди асари бунёдии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» мебошад. Ин асар бори аввал соли 1947 дар шаҳри Душанбе ба забони тоҷикӣ нашр гардид. Дар илми таърихшиносии тоҷик арзиши баланди илмии китоби мазкур дар он ифода меёбад, ки 3 маротиба - солҳои 1949, 1952, 1955 ба забони русӣ дар Маскав ба нашр расид.

Ҳадафи Бобоҷон Ғафуров аз нашри ин асар ва асарҳои минбаъда ба ҷаҳониён собит намудани ин ҳақиқат буд, ки тоҷикон қадимтарин сокинон ва соҳибони аслии ин марзу бум буда, пойдорӣ ва рушди тамаддуни минтақа маҳз ба номи ин халқи тамаддунофар марбут мебошад.

Воқеан, ин асар шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносӣ ва ифтихори миллиро такмил дод ва ба фарзандони бедордилу фидоии миллат руҳи тоза бахшид.

Устод Садриддин Айнӣ чопи китоби “Таърихи мухтасари халқи тоҷик”-ро бо хушнудӣ пешвоз гирифта, онро такони ҷиддӣ дар дарки илмии гузаштаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна, пеш аз ҳама тоҷикон ҳисобидааст.

Аз тарафи дигар, ин таълифот аввалин ва қотеътарин ҷавоби побарҷое буд ба муқобили таърихсозони гузаро, ки илми таърихро бо мақсадҳои ғаразмандонаи сиёсии худ истифода мебурданд. Маҳз ҳамин таълифот боис гардид, ки аз тарафи мутахассисони соҳа Бобоҷон Ғафуров чун асосгузори илми таърихи тоҷик эътироф гардид.

Вале Бобоҷон Ғафуров бо ин қаноат накарда, таҳқиқоти бунёдии худро доир ба таърихи миллати тамаддунофари тоҷик идома дода, соли 1972 асари безаволи худ - "Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна"-ро, ки воқеан шиносномаи миллати мост, ба чоп расонид. Ин шоҳасари безавол, ки самараи меҳнати сисолаи олим аст, аз ҷумлаи таҳқиқоти бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ин асар, барҳақ, китоби рӯимизии ҳар як фарди соҳибмаърифати тоҷик мебошад ва барои худогоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии мардуми мо чун обу ҳаво зарур аст.

Имрӯз "Тоҷикон" ба забонҳои англисӣ, японӣ, полякӣ, чинӣ, арабӣ, фаронсавӣ тарҷума, нашр ва тавассути расонаҳои интернетӣ ба хонандагон паҳн гардидааст. Ба замми он, ин шоҳасар барои ҳавзаи фарҳангии забони тоҷикӣ-форсӣ, пеш аз ҳама Афғонистон ва Эрон бо хати ниёкон ба табъ расид.

Аллома Б. Ғафуров бешубҳа чун олим ва донандаи хуби мероси ғановатманди аҷдодӣ барои омӯзиши онҳо низ таваҷҷуҳи махсус дошт ва аз оғози эҷодиёти бадеиву публитсистии худ асосан ба маъхазҳои таърихӣ такя мекард. Чунончи, дар китоби «Муборизаи халқи тоҷик барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ» дар такя ба «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ муҳимтарин ғояҳои озодихоҳии миллати тоҷикро ба тасвир кашидааст. Минбаъд бо кумаку ташаббуси бевоситаи ӯ соли 1971 «Шоҳнома» дар 2 ҷилд ба забони русӣ ва 9 ҷилд ба забони форсӣ дар «Силсилаи мероси хаттии Шарқ» ба табъ расиданд. Дар ин солҳо таҳқиқоти бевоситаи ӯ ё зери назари ин олими шинохта силсилаи асарҳои «Фирдавсӣ - шуҳрат ва ифтихори маданияти ҷаҳонӣ» (1972), «Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал - Берунӣ» (1974), «Амир Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ «Ҳашт биҳишт»» (1971), «Мирзо Ғолиб - шоири бузурги Шарқ» (1972), «Ал-Форобӣ дар таърихи маданият» интишор ёфтанд, ки аз ҷониби муҳаққиқон сазовори баҳои баланд гардиданд. Тарҷума ва нашри осори арзишманди аллома Б. Ғафуров, ба монанди «Тоҷикон», «Дар бораи робитаҳои Осиёи Миёна бо Эрон дар замони Ҳахоманишиҳо», «Искандари Мақдунӣ ва Шарқ» дар хориҷи кишвар далели равшани эътирофу эътибори ҷаҳонии ин олим буда, худ таълифи ин асарҳо ҳодисаи муҳим дар илми таърихшиносии миллии мо ба ҳисоб меравад.

Аз мавқеи устувор, эътирофу эътибори академик Бобоҷон Ғафуров дар доираҳои илмии байналмилалӣ пазируфтани пешсафию ба ҳайси роҳбарияти ҷамъияту созмонҳои илмии равияи мухталиф доштаи ӯ ҳисоб меёбад. Аз ҷумла, ба ҳайси Президенти Ассотсиатсияи байналхалқии омӯзиши фарҳанги Осиёи Марказӣ, Раиси кумитаи Шӯрои омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ, ноиб-президенти Иттифоқи байналмилалии таҳқиқот оид ба Шарқ ва Осиё, раиси Кумитаи Шӯрои миллии Ассотсиатсияи илмии Уқёнуси Ором, раиси Кумитаи муштарак оид ба мукофоти Фирдавсӣ, раиси Фонди якдилии Осиё ва Африқо ва бисёр дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалии илмӣ ва ҷамъиятӣ интихоб шуда, дар ин самтҳо фаъолияти босамари ӯ аз тарафи шахсиятҳои бузурги дунё баҳои баланд гирифтааст.

Бобоҷон Ғафуров дар доираи ЮНЕСКО низ ҳамчун раиси Кумитаи шӯравии "Шарқу Ғарб" фаъолона ширкат варзида, мавзуи "Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ"-ро ба миён гузошта, ҳамчун Президенти Ассотсиатсияи байналмилалӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар қабул ва татбиқи он саҳми бузург гузоштааст.

Маҳз бо ибтикори олим дар Иттиҳоди Шӯравӣ силсилаи институтҳои шарқшиносӣ пайдо гаштанд, ки имрӯз низ фаъолият доранд.


**Фарҳод РАҲИМӢ,**
**академик, президенти**
**Академияи миллии илмҳои**
**Тоҷикистон**

Бобоҷон Ғафуров на танҳо дар рушди соҳаи фарҳанг ва илму маориф саҳм гузошт, балки дар даврони роҳбарии ӯ як қатор иншоот, театру мактабу китобхонаҳо ва коргоҳҳои истеҳсолӣ ба фаъолият шурӯъ намудаанд. Бо талошҳои ӯ шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд (Ленинобод) ба марказҳои азими саноатӣ мубаддал гаштанд.



# САҲМИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР ТАРАҚҚИЁТИ САНОАТИ ТОҶИКИСТОН

18 (31)-уми декабри соли 1908 дар қишлоқи Исфисори уезди Хуҷанди вилояти Самарқанди губернияи Россия (ҳозира вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) олим, шарқшинос, таърихшинос, доктори илмҳои таърих, профессор, академик Бобоҷон Ғафуров таваллуд шудааст.

Солҳои 1928-1929 курсҳои ҳуқуқшиносиро дар Самарқанд ва солҳои 1931-1935 Институти рӯзноманигории шаҳри Москваро хатм намудааст. Солҳои 1944-1946 котиби дуюми Партияи коммунистии Тоҷикистон интихоб шудааст.

Истеъдоди нодири ташкилотчигӣ, принсипҳои амиқи ҳизбӣ, қобилияту маҳорати кор карда тавонистан бо мардум дар симои Бобоҷон Ғафуров дар давраи фаъолияташ буд, ки ӯро солҳои 1946-1956 котиби якуми Партияи коммунистии Тоҷикистон интихоб намуданд ва номбурда дар ин вазифа даҳ сол фаъолият намуд. Он давраҳо ин вазифа ҳамчун роҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Дар давраи фаъолияти роҳбариаш, бо корҳои идеологӣ барои рушди фарҳанги бою ғании халқи тоҷик ва эҳёи таърихи қадимаи халқи тоҷик, рушди тамоми соҳаҳо дар ҷумҳурӣ хизматҳои шоён намудааст. Фарҳанг, илм, маориф ва саноат дар кишвар рушд намуда, аввалин театру мактабу китобхонаҳо, коргоҳҳои истеҳсолӣ ба фаъолият шурӯъ намудаанд.

Шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд (Ленинобод) ба марказҳои азими саноатӣ мубаддал гашта, коргоҳҳои бузурги истеҳсолӣ таъсис ёфтанд. **Ба монанди:**

- *соли 1939 Комбинати текстили Душанбе;*
- *соли 1939 Корхонаи пойафзолбарории Ленинобод;*
- *соли 1945 Комбинати №6 (Востокредмет)-и Бӯстон (Чкалов);*
- *соли 1932 Фабрикаи шоҳибарории Душанбе (шелкомоталний);*
- *соли 1942 Комбинати шоҳибарории Ленинобод.*



*Бобоҷон Ғафуров зимни боздид аз сохтмони НБО-и "Кайроққум"*

| № | Номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда | Соли 1940 | Соли 1960 |
|---|---|---|---|
| 1. | Истеҳсоли барқ, млрд кВт соат | 0,06 | 2,3 |
| 2. | Ангишт - ҳазор тонна | 204 | 660 |
| 3. | Нефт (конденсати газ) - ҳазор тонна | 30 | 157 |
| 4. | Нуриҳои минералӣ - ҳазор тонна | - | 132 |
| 5. | Конструксияи оҳану бетонӣ ва қисмҳои оҳанӣ (ҳазор метри мукааб) | - | 340 |
| 6. | Нахи пахта - ҳазор тонна | 60,9 | 200,3 |
| 7. | Газворҳои пахтагин (млн метр) | 0,2 | 89,3 |

Инчунин, корхонаҳои "Трактородетал", заводи чарм, заводи нон, корхонаи дӯзандагӣ ба фаъолият оғоз намуданд.

Саноатикунонии Тоҷикистони Советӣ дар давраҳои вазнини Ҷанги Бузурги Ватанӣ, солҳои 1941-1945 рушд ёфта, ба Тоҷикистон 30 корхонаҳои бузурги саноатии шаҳрҳои Москва, Ленинград, Одесса, Белорусия, Украина кӯчонида оварда шуда, васлу насб гардида, ба кор оғоз намуданд, ба монанди фабрикаи ресандагии Трёхгорная (Москва), шишазаводи Симферопол, заводи равғани Полтава, заводи трактори Харков.

Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои асосии истеҳсоли ашёи хом - металлҳои ранга ва қимматбаҳо барои истеҳсоли яроқу аслиҳа ва техникаи ҳарбии онвақта ба ҳисоб мерафт.

Дар Фабрикаи пойафзолбарории Ленинобод солҳои 1942-1945 зиёда аз 4 млн ҷуфт пойафзол дар як сол истеҳсол мешуд.

Шумораи кормандони соҳаи саноат танҳо дар шаҳри Душанбе 25000 нафарро ташкил медод.

Шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ дар солҳои баъдиҷангӣ ба 100 адад расонида шуда, ҷавонон ва занони шаҳрҳои саноатӣ пурра бо кор таъмин буданд.

Солҳои 1946-1958 корхонаҳои қолинбофӣ, заводҳои консервабарорӣ, фабрикаҳои дӯзандагӣ ва заводҳои нон дар шаҳрҳои Кӯлоб, Конибодом, Исфара, Қайроққум, Қӯрғонтеппа ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Вилояти Ленинобод (Суғд) аз 3/1 ҳиссаи ҳаҷми маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро таъмин менамуд.

Парвариши пахта, деҳқонӣ, боғдорӣ рушд намуда, дар заминаи коргоҳҳои истеҳсолӣ (заводҳои пахтатозакунӣ, комбинатҳои консервабарорӣ) ин намуди маҳсулот коркард мешуданд.

Академик Бобоҷон Ғафуров бо хислатҳои заминии худ (хоксорӣ байни мардум ва мутахассиси соҳаи худ будан) дар вазифаи роҳбарӣ зиёда аз даҳ сол фаъолият намудааст.

Дар ин давра аввалин Донишкадаи техникии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Дар соли 1956 аз тарафи Бобоҷон Ғафуров барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, муҳандисони соҳаи саноат, мутахассисони соҳибкасби тоҷик оид ба таъсиси аввалин Донишкадаи техникии Тоҷикистон ва таъин намудани Муҳаммад Осимӣ ба ҳайси аввалин ректори Донишкадаи техникӣ қарор қабул гардид, ки яке аз хизматҳои арзанда ба мардуми тоҷик мебошад.

Солҳои 1950 соҳаи геологияи тоҷик рушд ёфта, як қатор конҳои тилло кашф шуда, барои коркарди соҳаҳои маъдан ва кимиё фаъолияти худро оғоз намуданд.

**Шералӣ КАБИР,**
**вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон**





Пешрафти ҳар кадом ҷомеаро инсонҳои дорои ғановати маънавӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ таъмин менамоянд. Иқтидори зеҳнӣ, яъне интеллектуалӣ ва маънавию ахлоқӣ қаноте ҳастанд, ки ҷомеаро зина ба зина ва марҳила ба марҳила пеш мебаранд.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# ЯК ПЕШНИҲОДИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

## ва таъсиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯзҳо бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти шинохти чеҳраҳои бузурги илмию фарҳангии миллати тоҷик тадбирҳои муҳим роҳандозӣ гашта истодааст. Баргузории озмуни ҷумҳуриявии ""Тоҷикон" - оинаи таърихи миллат" ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар соли 2023 аз ҷумлаи онҳост, ки дар омӯзиши таъриху фарҳанги пурғановати миллати тоҷик ва шинохти аллома Бобоҷон Ғафуров мусоидат менамояд.

"Тоҷикон" -и аллома Бобоҷон Ғафуров ва рӯзгори ӯ омӯзиши пайвастаро талаб менамояд. Инҷо лозим мешуморем, ки аз як пешниҳоди таърихии аллома Бобоҷон Ғафуров ёдовар шавем, ки он минбаъд дар рушди илму фарҳанги ҷумҳурии азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши калидӣ гузоштааст.

Ин ҳам бошад, соли 1947 бо ташаббуси аллома Бобоҷон Ғафуров зарурати таъсиси Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пеш омад. Он вақт аллома котиби якуми Ҳизби коммунисти Тоҷикистон буд. Ӯ ва Вазири мактабҳои олии СССР С. Кафтанов ба роҳбарияти ҳизбӣ ва Шӯрои Вазирони СССР зарурати дар Тоҷикистон ташкил намудани Университети давлатиро пешниҳод намуданд. Пешниҳоди сарварони РСС Тоҷикистон аз ҷониби роҳбарияти Иттифоқи Шӯравӣ мусбат пазируфта шуд. 21-уми марти соли 1947 дар Маскав қарори Шӯрои Вазирони СССР таҳти рақами №643 оид ба таъсис додани Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) аз ҷониби Раиси Шӯрои Вазирони СССР И. Сталин ва Раиси умури идораи он П. Чадаев ба имзо расид.

Акнун дар саҳифаҳои таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо хати заррин сабт гаштааст, ки дар таъсиси донишгоҳ нақши чеҳраи мондагори миллат академик Бобоҷон Ғафуров барҷаста аст. Маҳз дар давраи котиби якуми Ҳизби коммунисти Тоҷикистон будани ин Қаҳрамони миллат 21-уми марти соли 1947 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин таъсис ёфта, аз 1-уми сентябри соли 1948 расман ба фаъолият оғоз намудааст.

Имрӯз боиси ифтихор аст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба синни мубораки 75 расид. Тӯли фаъолияти пурарзиши хеш донишгоҳ се маротиба ивази ном намудааст: соли 1947 - Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (Қарори Совети Вазирони СССР аз 21.03.1947, № 643); соли 1997 - Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ДДМТ) (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.02.1997, №669) ва соли 2008 - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (то ҳол) (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2008, №556).

Ин боргоҳи илму маърифат дар ташаккул ва рушди ҳаёти сиёсӣ, илмию адабӣ, фарҳангию иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар нақши бориз гузоштааст.

Бояд тазаккур дод, ки аз даврai таъсисёбӣ то имрӯз ин боргоҳи илму маърифатро зиёда аз 150 000 мутахассисон хатм намудаанд, ки аз ин теъдод 80 000 нафарро хатмкунандагони даврai соҳибистиқлолии мамлакат ташкил медиҳанд.

Дар пешбурди раванди таълим ва омода намудани ин мутахассисон барои иқтисодиёти кишвар олимони барҷаста, ки нерӯи хеле қавии зеҳнӣ ва қобилияти баланди омӯзгорӣ доштанд, саҳми босазое гузоштаанд, ки имрӯз номи неки ҳар яки онҳо дар саҳифаҳои таърихи донишгоҳ абадӣ сабт хоҳад шуд. Дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат имрӯз олимони барҷастаи сатҳи байналмилалӣ, ходимони илмию сиёсӣ, мутафаккирони варзида буда, дорои шуҳрату мақоми умумиҷаҳонӣ мебошанд, ки аксари онҳо дар вазифаҳои пурмасъули давлатӣ адои вазифа менамоянд.

Махсусан, барои устодону кормандони донишгоҳ боиси ифтихор ва сарафрозист, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хатмкардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, солҳои 1977-1982 дар факултаи баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ таҳсил намудаанд. Ба хотири инъикоси даврai таҳсил ва омӯзиши корномаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи таҳкими давлатдории миллӣ дар назди донишгоҳ «Осорхонаи Пешвои миллат» ва «Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллат» фаъолият менамоянд. Ҳамчунин, як қатор ходимони барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ хатмкардаи ин муассисаи бузурги таълимӣ мебошанд.

Боиси ифтихор аст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Нишони таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат ба Донишгоҳи миллӣ дар он ифода меёбад, ки то имрӯз 16 маротиба ба ин маркази таълимию илмӣ ташриф овардаанд. Ҳар як ташрифи Пешвои миллат боиси навгониҳои бемисл дар донишгоҳ гардида, сатҳи руҳияи кории омӯзгорон ва кормандонро боз ҳам баланд мебардорад. Ҳамчунин, бо ташаббуси Пешвои миллат 20 нафар сарварони кишварҳои хориҷӣ ва ходимони барҷаста ба донишгоҳ ташриф оварда, ба нишони доктори фахрии донишгоҳ мушарраф гардиданд.


БОЙГОНИИ МАРКАЗИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Кӯчаи Н.Карабоев 38/1

БЮРО
ПРОТОКОЛ № 6
ЗАСЕДАНИЯ СОВЕТА МИНИСТРОВ ТАДЖИКСКОЙ С С Р
1 апреля 1947г.
г.Сталинабад

ПРЕДСЕДАТЕЛЬСТВОВАЛ тов.РАСУЛОВ Д.

Присутствовали: Зам.Председателя Совета Министров т.Мазаев
Зам.председателя Совета Министров т.Саломатшаев
Зам.председателя Совета Министров т.Рахмет-Заде
Председатель Госплана т.Садуллаев
Министр Государственного контроля т.Абдуллаев
Зам.Министра внутренних дел т.Лапин
Зам.Министра государственной безопасности т.Вишневский
Зам.Министра финансов т.Храмцов
Прокурор республики т.Романов.
Управление Делами Совета Министров т.т. Масаидов, Антонов.

Постановление Совета Министров СССР № 566 от 16 марта 1947г. "О районировании сортов хлопчатника на 1947 г."
/тов.Расулов/
Постановление Совета Министров СССР № 566 от 16 марта 1947г. "О районировании сортов хлопчатника на 1947г." принять к руководству и исполнению.

Постановление Совета Министров СССР № 643 от 21 марта 1947г. "Об организации Таджикского государственного университета"
/тов.Расулов/
Постановление Совета Министров СССР № 643 от 21 марта 1947г. "Об организации Таджикского государственного университета" принять к руководству и исполнению, поручить т.Рахмет-Заде представить практические предложения по данному вопросу.

Постановление Совета Министров СССР № 564 от 16 марта 1947г. "О мерах по предупреждению аварий на сооружениях оросительных систем в связи с паводками".
/ тов.Расулов/
Принять к руководству и исполнению.

Постановление Совета Министров СССР № 569 от 16 марта 1947г. "О мероприятиях по увеличению добычи рыбы в 1947г. по Министерству рыбной промышленности западных районов СССР".
/ тов.Расулов/
Постановление Совета Министров СССР № 569 от 16 марта 1947г. "О мероприятиях по увеличению добычи рыбы в 1947 году по Министерству рыбной промышленности западных районов СССР" принять к руководству и исполнению, поручить Министру сельского хозяйства т.Ма... представить проект постановления Совета Министров Таджикской ССР по данному вопросу.

Дар рушди минбаъдаи корҳои илмию таълимӣ, баланд бардоштани мақоми донишгоҳ ва пурзӯр намудани зарфияти моддию техникии он саҳми ректорон Зариф Раҷабов, Ибодулло Нарзиқулов, Солеҳ Раҷабов, Пулод Бобоҷонов, Талбак Назаров, Исмоил Давлатов, Фозил Тоҳиров, Ҳабиб Сафаров, Ҳайдар Сафиев, Саидаҳмад Одинаев, Нуриддин Саид, Ҳаёт Одинаев ва Муҳаммадюсуф Имомзода хеле калон аст.

Имрӯзҳо низ дар донишгоҳ олимони варзидае фаъолият менамоянд, ки тамоми умри пуршарафи худро барои рушду нумӯи илму таълим бахшида истодаанд. Ин нерӯи бузурги илмӣ қодир аст, ки дар омода намудани мутахассисони баландихтисос ва инкишофи илмҳои мухталиф саҳми босазои худро гузорад. Ҳоло дар донишгоҳ наздики 1400 нафар омӯзгорон кору фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 12 нафар академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 12 нафар узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 200 нафар доктори илм, 700 нафар номзадони илм буда, барои пешбурди фаъолияти таълимию методӣ ҷалб шудаанд.

Ислоҳот дар низоми таълими донишгоҳ маҳз дар марҳилаи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ оғоз шуда, дар сохтори он факултету ихтисосҳои нав таъсис дода шуданд ва озмоишгоҳҳои илмиву истеҳсолӣ ба кор шуруъ карданд. Дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар самти гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ Донишгоҳи миллӣ тадбирҳои муҳимеро роҳандозӣ намуда, соли 2023 дар доираи ҳамкориҳои дуҷонибаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (Независимое Агентство аккредитация и рейтинга (НААР)) даҳ ихтисоси ба талаботи имрӯзаи бозори ҷаҳонӣ мувофиқ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шуда, соҳиби сертификати байналмилалӣ гардиданд.

Нуфузи донишгоҳ дар сатҳи байналмилалӣ рӯз то рӯз дар ҳоли афзоиш аст. Махсусан, дар раддабандии муассисаҳои олии таҳсилот дар сатҳи байналамилалӣ соҳиби ҷойи ифтихорӣ гардидан аз мақоми донишгоҳ хабар медиҳад.

Ҳамкориҳо бо донишгоҳу марказҳои илмии хориҷи кишвар, ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ баҳри таҳсил дар донишгоҳ ва дар маҷмуъ амиқгардонии ҳамгироии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фазои байналмилалии маориф ва илм аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти раёсати донишгоҳ мебошад, ки маҳз аз натиҷаи он имрӯз донишгоҳ бо 350 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шартнома ва қарордоди ҳамкорӣ дорад.

Ҳамчунин, донишгоҳ узви Донишгоҳи шабакавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Донишгоҳи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Авру-Осиё ва муассиси Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё, Академияи байналмилалии илмҳои Роҳи абрешим, Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Имрӯзҳо, ки дар арафаи таҷлили 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров қарор дорем, бо ифтихор метавон гуфт, ки саҳми академик Бобоҷон Ғафуров дар рушди илму фарҳанги тоҷик назаррас аст ва иқдоми таърихии ӯ ҷиҳати таъсисёбии Донишгоҳи миллӣ таҳаввулоти бузург дар рушди маърифатпарваронаи миллат мебошад.

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
**ректори ДМТ, профессор**

# БОБОҶОН ҒАФУРОВ ВА САРНАВИШТИ ТАЪРИХИИ ТОҶИКОН

Тааммул ба фаъолияти серҷабҳаи академик Бобоҷон Ғафуров дар таърихи даврони ҷадиди миллати тоҷик ҳикматҳои фаровони мондагореро ошкор месозад. Ҳамаи онҳо ба як нуқтаи меҳварӣ - талош ба ҳифозати ҳастии миллати тоҷик ва арҷгузорӣ ба асолати таърихии ин қавм пайванд гирифта, корномаҳои ин фарзанди фарзонаро дар майдони  муборизаву пайкорҳо ҳамчун як воқеаи таърихан муҳим дар ҳаёти Тоҷикистони навин арзёбӣ мекунанд.



*Суҳбати Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо директори Институти шарқшиносии Академияи улуми Русия Аликбер Аликберов ва ректори ДДХ ба номи Б. Ғафуров, профессор Усмонзода Аюб Ислом дар рӯзи ифтитоҳи Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров*

Ҳанӯз аз оғози солҳои 20-уми қарни XX буд, ки гурӯҳҳои мухталиф ҳам дар саҳифаҳои матбуот ва ҳам дар минбару маъракаҳои сиёсӣ ҳастии таърихии миллати тоҷикро инкор намуда, ин қавми таърихсозу маънавиятофарро ҳосили асарпарвардагии халқиятҳои эронӣ ба шумор меоварданд, ки гӯё асолате аз худ зоҳир накарданд. Натиҷаи ҳамин фаҳмишҳои нодурусти сиёсӣ нисбати миллати тоҷик бо рухдоди иштибоҳангези тақсимоти миллӣ-ҳудудии соли 1924 анҷомид. Вале нерӯи азими равшанфикрони тоҷик бо таълифоти пурбор ва мустанади худ ба рафъи чунин иштибоҳоти фикрӣ пардохта, ба дифои асолати миллии хеш бархостанд. Аввалин падидаи беназири ин ҳаракатҳои фикрӣ - таълифи тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» ба қалами устод Садриддин Айнӣ ба шумор омад. Яке аз меросбардорони устод Айнӣ академик Бобоҷон Ғафуров буд, ки ҳамчун шахсияти сиёсӣ ва ҳам олиму адиб ғояву армонҳои устоди хешро бо шоистагӣ идомат бахшида, дар муаррифии ҳастии таърихии тоҷикон хидматҳои босазое ба анҷом расонид.

Андешаи таълифи асаре бо номи «Тоҷикон», ки фарогири таърихи бошукуҳи гузаштаи ин миллати қадима аст, ҳанӯз дар замони авҷи муборизаҳо ва талошҳои нестангории мероси маънавии тоҷикон ба зуҳур расид. Нусхаи аввали китоб соли 1947 дар шакли «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» дар Маскав ба нашр расида бошад ҳам, то замони ба сурати китоби ҷудогона чоп шудани он мақолоти алоҳидаи устод дар маҷаллаву маҷмӯаҳо ба ҳайси бахшҳои ин китоб интишор ёфта буд. Нашри нусхаи аввали китоб дар замоне ба вуқуъ пайваст, ки аллакай устод Бобоҷон Ғафуров дар мақоми шахсияти аввали Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дошт. Дар чунин замон ва ин мақоми сиёсӣ чоп шудани китоб ҷасорати беназири Бобоҷон Ғафуровро алайҳи амалкардҳои фикрии замон ба шоистагӣ нишон медиҳад.

Нашри китоб марҳилаи аввали талошҳои пайгиронаи академик Бобоҷон Ғафуровро бомуваффақият ҷамъбаст намуда, барои тақвият бахшидани тадбирҳои тозаи дигар заминаҳои муайяне гузошт. Имрӯз аз бойгониҳои ҳизбӣ ва афроди алоҳида мактубу суратҷаласа ва матни суҳбатҳои вижаи устод Бобоҷон Ғафуров бо роҳбари аввали сиёсии давр - Иосиф Сталин пайдо шуданд. Аз муҳтавои ин мулоқотҳо равшан мегардад, ки бо заковати олӣ ва хирадмандиву дониши амиқи таърихӣ устод Бобоҷон Ғафуров роҳбари сиёсии даврро водор сохт, ки ҳастии миллати тоҷик ва соҳиби таърихи қадима будани ин миллатро нисбати ақвоми дигари Осиёи Марказӣ эътироф намуда, ба устод ҳамчун намояндаи миллат арзи эҳтиром гузорад.

Марҳилаи дигари фаъолияти устод Бобоҷон Ғафуров, ки дар вусъати он талошҳои раҳнамоянда ва ибтикороти илмӣ ба ҳам тавъам гардидаанд, ба ҳайси сарвари Институти шарқшиносии АИ ИҶШС таъин гардидани эшон маҳсуб мешавад. Бо оғози кор дар ин муассисаи бонуфузи илмӣ имкониятҳои таваҷҷуҳ ба масоили бозшиносии таърих ва фарҳанги миллати тоҷик, ҳамчун намояндагони ақвоми қадимаи Машриқзамин бештар гардида, заминаҳои хуб барои тадқиқи таърих афзун гардиданд. Маҳз ҳамин имкониятҳо доманаи масъалаи бозомӯзӣ ва густариши бахши таърихи халқи тоҷикро вусъат бахшиданд. Бо эҳтимоми устод Бобоҷон Ғафуров силсилаи матни осори классикони тоҷику форс аз тариқи Институти шарқшиносӣ интишор ёфтанд, ки то кунун ҳамчун нусхаҳои боэътимод барои корҳои пажӯҳишӣ дар мактабҳои ховаршиносии ватаниву хориҷӣ эътироф карда мешаванд. Намунаи барҷастаи ин корҳо интишори матни илмӣ-интиқодии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба хати форсӣ мебошад, ки имрӯз ба унвони манбаи боэътимод дар шоҳномашиносии хориҷӣ шинохта шудааст.

Устод Бобоҷон Ғафуров баробари густариш додани фаъолияти ташкилӣ дар ҷодаи ри-




воҷи мактабҳои ховаршиносӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ кори таҳқиқии хешро барои такмили китоби «Тоҷикон» идома дода, дар натиҷа аввалин бор ин асари пурарзишро соли 1973 бо забони русӣ мунташир сохт. Ин китоб таърихи яке аз қадимтарин халқҳои ҷаҳонро аз давраҳои дури таърихӣ то замони нав дар асоси манобеи мухталифу муътамад, бо такя ба дастовардҳои навтарини таърихнигории ҷаҳонӣ фаро гирифта, дар шинохти тоҷикон ва шиносонидани онҳо ба дунёи мутамаддин хидмати бузургу мондагоре ба анҷом расонид. Бесабаб нест, ки ин китоб ба баҳои баланди муҳаққиқони Шарқу Ғарб сазовор гардида, дар қаламрави ховаршиносӣ чун «шоҳасар»-и аллома Бобоҷон Ғафуров эътироф гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон»-ро шиносномаи воқеии миллати тоҷик номиданд, ки ин, барҳақ, баҳои одилона ва мунсифона ба ҷойгоҳи ин китоби муътабар дар омӯзиши таърих ва сарнавишти миллат, дар густариши худогоҳиву худшиносии тоҷикон ва тоҷикистониён аст. Аз ҷониби дигар, дар ин баҳои Пешвои миллат ба «Тоҷикон» ва пайкорҳои сарнавиштсози муаллифи он ҳукми маъруфи «Бузургонро бузургон зинда медоранд» далели воқеии худро пайдо кардааст. Корномаи беназири алломаи даврон Бобоҷон Ғафуровро имрӯз Пешвои миллати мо Эмомалӣ Раҳмон бо камол ва бо умқу вусъати бесобиқа тадовум бахшида истодаанд. Далели дигари ин матлаб таълифи китоби пурмуҳтавои «Тоҷикон дар оинаи таърих» аз ҷониби Сарвари давлат аст, ки онро дар ҳақиқат метавон чун давоми мантиқии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров арзёбӣ кард.

Муҳимтарин арзиши китоби "Тоҷикон" дар он ифода меёбад, ки устод зимни таҳқиқи масоили таърихӣ бо назардошти талаботи замон ва посух гуфтан ба мафкураҳои мутазод дар мавриди ҳастии миллати тоҷик ба таърихи хонадонҳои миллӣ, махсусан давлатдории Сомониён муфассалан таваққуф  намуда, маҷмӯи фаъолиятҳои ин хонадони арҷманди миллати моро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳамчунин, баррасии масоили вазъияти сиёсиву таърихӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ муҳити фарҳангии давр мавриди тадқиқи амиқ қарор ёфта, ба масъалаи ташаккули халқияти тоҷик таваҷҷуҳи хоса зоҳир шудааст, ки мабоҳис арзиши илмии шоҳасари “Тоҷикон»-ро дар шинохти ҳуввияти миллии тоҷикон, субути шинохти ҳуввияти миллии тоҷикон, субути хидмати таърихии онҳо дар ҳавзаи Осиёи Марказӣ боло мебарад. Омили дигари муассири китоб дар ҷаҳоншиносии мардуми тоҷик ва таҳкими худогоҳии миллӣ баррасии муҳити адабии ҳар давр ва ҷойгоҳи шеъру адабиёти тоҷик дар густариши вазъи сиёсиву тақвияти аркони давлатдорӣ маҳсуб мегардад, ки ин амр ба хидматҳои устод Бобоҷон Ғафуров дар шиносонидани қудратҳои зеҳнӣ ва ақлонии мардуми тоҷик ба ҷаҳониён ишорати равшан мекунад. Маҳз ҳамин пайомадҳои худогоҳона ва нубуғи тафаккури меҳанпарастона ва миллатдӯстона, ки аз мутолиаи китоби “Тоҷикон» барои хонанда, бахусус тоҷикон эҷод мегардад, қадру манзалати ин шоҳасарро ба мартабаи манбаи илҳоми шоирон дар бозгӯии афкори худогоҳонаву худшиносона боло бардошт. Бо дарки ҳақиқати ин арҷи маънавии китоби “Тоҷикон” метавонем бар ин назар бирасем, ки воқеан хидмати бузурги аллома Бобоҷон Ғафуров дар муаррифии миллати тоҷик дар сатҳи ҷаҳонӣ беназир аст ва беҳуда нест, ки ҷойгоҳи ин китоби ҷовидонаро Бозор Собир токдони хонаи чашми ҳар нафар тоҷик донистааст:

*Токдони хонаи мо ҷои*
*дастурхони мо,*
*Токдони чашми мо ҷои*
*китоби «Тоҷикон».*

**Усмонзода Аюб ИСЛОМ,**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор,**
**ректори ДДХ ба номи**
**академик Б. Ғафуров**

# ҲУҶУМ БА БОБОҶОН ҒАФУРОВ

**Соли 1946. Котиби якум интихоб шудани Бобоҷон Ғафуров аз як тараф дӯстдорони миллати тоҷикро шод карда бошад, аз ҷониби дигар, дар пӯстини душманони ин миллати куҳанбунёд кайк андохта буд. Бобоҷон Ғафуров баъд аз соли 1929 - ҷумҳурии мухтор эълон шудани Тоҷикистон аввалин тоҷиктаборе буд, ки сарвари ҷумҳурӣ интихоб гардид. То ин дам Мирзо Довуд Боғир-оғли Гусейнов – миллаташ озарӣ (1930 – 1933), Григорий Исаакович Бройдо – миллаташ яҳудӣ (солҳои 1933 – 1935), Сурен Константинович Шадунс – миллаташ арманӣ (солҳои 1935 – 1937), Урунбой Ашурович Ашуров - миллаташ ӯзбек (солҳои 1937 – 1938) , Дмитрий Захарович Протопопов – миллаташ рус (солҳои 1938 – 1946) Котибони аввали КМ ҲК РСС Тоҷикистон буданд.**



Вале, мутаассифона, дар дохили Тоҷикистон низ касоне буданд, ки ошкору ниҳон мубориза бар муқобили Бобоҷон Ғафуров ва Садриддин Айнӣ мебурданд. Ҳадафҳои бузург душманони бузургро ба миён оварда буданд. Онҳо, ки дар сатҳи баланд аз пуштибонӣ бархӯрдор буданд, роҳи бадном кардан ва ба ин васила аз сари қудрат дур сохтани Бобоҷон Ғафуровро меҷӯянд. Котиби КМ Исоев аз ин ҷумла буд. Ӯ ба ревизияи аҷдоди Бобоҷон Ғафуров мепардозад.

Котиби дувуми КМ ПК Тоҷикистон Обносов дар суҳбат бо муаллифи ин сатрҳо изҳор намуд, ки «ин раванд махсус дар арафаи анҷумани VII ПК Тоҷикистон (20-23-юми декабри соли 1948) хуб эҳсос мешуд. Дар арафаи анҷуман одамоне пайдо шуданд, ки миёни вакилони анҷуман ва мардум фаъолона овоза паҳн менамуданд, ки Бобоҷон Ғафуров фарзанди тоҷири калон аст ва ба вай ҳуқуқи сарварии ҳизбро надорад. Давоми ду соли роҳбарии Ғафуров воқеан ҷумҳурӣ соҳиби дастовардҳои назаррас гашта буд. Аммо кӯшиши дар Тоҷикистон ҷамъ овардани олимон, адибон, аҳли зиё душманони халқи тоҷикро дар дохил ва хориҷи Тоҷикистон норохат месохт. Онҳо ба ҳар роҳу восита мехостанд Ғафуровро аз сари қудрат дур созанд. Ғафуров метавонист дар анҷуман сари ин масъала гап назанад. Аммо вақте ки номзадии ӯро ба узвияти КМ пешниҳод намуданд, ӯ лозим донист, ки аз мавҷуд будани ин овозаҳо вакилонро огоҳ намояд.

**Аз стенограммаи Анҷумани VII ПК Тоҷикистон, бойгонии Института марксизм ва ленинизми КМ ПК Тоҷикистон:**

*Маҷлиси бегоҳӣ,*
*23-юми декабри соли 1948*

**РАФИҚ ҒАФУРОВ:**



Рафиқон! Меҳоҳам съезд бидонад: ман як тағои савдогар доштам, ки ӯро кулак карданд. Ман инро барои он мегӯям, ки собиқ котиби КМ ПК (б) рафиқ Исоев дар ҳама ҷо мегӯяд, ки ман писари савдогари калон ҳастаму дар оилаи ман ин хел одамон бисёранд. Меҳоҳам съезд бидонад, ки дар ҳақиқат, тағои ман савдогар буд, вале ман бо ӯ алоқае надоштам. Он чизе, ки шахсан ба ман дахл дорад, ман дар хонаи бачагон тарбия гирифтаам ва бисёр рафиқони дар ин ҷо нишаста бо ман меҳонданд. Агар ягон эрод бошад, хоҳишмандам бигӯед, зеро рафиқ Исоев ин овозаҳоро ин ҷо, дар Москва низ паҳн карда истодааст.

**РАФИҚ ТУРСУНЗОДА:**



Рафиқон, баъзан ҷаҳолат боло мегирад. Мо медонем, ки замоне Ҳокимияти Советӣ аз кадрҳо танқисӣ мекашид. Давлати советии моро синфи коргар якҷо бо деҳқонони камбағал ва батракҳо сохтаанд. Миллионҳо нафари ин батракҳо дар ин муҳлат сабзида расида, хӯҷаинони ҳақиқии мамлакатамон гардиданд. Аммо, мутаассифона, дар байни мо ҳоло низ одамоне ҳастанд, ки ҳеҷ чизро наомӯхтанд. Ҳастанд нафароне аз байни кормандони партиявӣ, ки дониши худро баланд намебардоранд, онҳо фақат ҳамон чизеро, ки 20 сол пеш медонистанд, медонанд, онҳо даст ба қафаси синаи худ зада, мегӯянд, ки револютсияро онҳо кардаанд ва бинобар ин бояд онҳо давлатро идора намоянд. Ин тавр намешавад!

Мамлакати мо сол то сол месабзад. Мамлакати мо талаб мекунад: агар ту ба партия содиқ бошӣ, ту бояд хонӣ; ту бихон, ту фақат бо илму дониш метавонӣ мамлакатро идора кунӣ.

Ана мо: ман, рафиқ Исоев ва худи шумо ҳам батрак ҳастем. Мо барои халқу республикаи худ чӣ кор кардаем? Мо бо шумо одамони камсаводем. Агар рафиқ Ғафуров худро муносиби вазифааш нишон дода натавониста бошад, ба фикрам, худи коммунистон, ташкилоти партиявии республика ва худи халқ аз вай хоҳиш карда мегуфт, ки рафиқ Ғафуров, республика, халқи тоҷикро тараққӣ дода натавонистӣ - бирав!

Рафиқ Ғафуров худаш изҳор мекунад, ки дастпарвари хонаи кӯдакон аст. Вале ман намегӯям, ки ӯ якҷо бо ташкилоти партиявӣ ва бо халқ дар муддати ду сол республикаи моро тараққӣ додааст. Ман ҳамчун намояндаи халқи худ, вақте дар Москва байни хонандагону кормандони илмӣ мешавам, мешунавам, ки дар бораи ӯ бо қаноатмандӣ гап мезананд, мегӯянд, ки республика ҳамин хел котиб дорад. Ман бо ин мефахрам, ки халқи ман, партияи болшевикон чунин одамро тарбия кардаанд. Ӯ на танҳо ташкилоти партиявиро роҳбарӣ мекунад, балки дар олами илм шинохта шудааст. Мо бо ин мефахрем, ман бо ин мефахрам.

**РАФИҚ ИСОЕВ**
*(котиби КМ ПК Тоҷикистон)*:



Рафиқон! Ин ҷо гуфтанд, ки рафиқ Исоев ҳама вақт ва дар ҳама ҷо мегӯяд, ки падари Ғафуров савдогар аст. Ӯ котиби КМ буд ва рафиқ Кулков санҷида, маълум кард, ки падари Ғафуров савдогар нест. Ин дар ҳамон даврае буд, ки ӯ дар шуъбаи пропаганда кор мекард ва ман мегуфтам, ки ҷойи ӯ шуъбаи пропаганда нест. Баъдтар гуфтанд, ки тағояш савдогар будааст, ман пофишорӣ кардам, ки агар тағояш савдогар бошад, падараш ҳам савдогар аст. Ман инро гуфтаам, бигузор бо ман чӣ коре хоҳанд, бикунанд (овоз аз зал: ӯро аз ҳайати президиум бароред, ҳарза мегӯяд).

**РАФИҚ ОБНОСОВ**
*(котиби 2-юми КМ ПК Тоҷикистон)*:



Рафиқон! Оё ба гуфтан зарурат аст, ки рафиқ Ғафуров чӣ тавр кор мекунад? Танҳо мегӯям, ки бо омадани рафиқ Ғафуров ба роҳбарии КМ ПК (б) дар тамоми ташкилот кор ҷоннок шуда, дар натиҷа ба мо муваффақиятҳо муяссар гардид, ки метавонем бо онҳо ифтихор кунем. Баъд, рафиқон, чӣ зарурат аст барои шуморо бовар кунондан - бо омадани Ғафуров дӯстии самимӣ оғоз шуд, мо худро ба кор бахшидаем. Мо шабҳо намехобем, ҳамаро ба иҷрои супоришҳои партия равона кардаем.

Бобоҷон Ғафуровро лозим меомад, ки дар ду ҷабҳа мубориза барад - бо душманони хориҷӣ ва дохилии миллати тоҷик. Александр Фадеев - Раиси Иттифоқи нависандагони СССР аз ин ҷумла буд.

## ДАСИСАИ АЛЕКСАНДР ФАДЕЕВ,
### раиси Иттифоқи нависандагони СССР



Ғалат гуфтан, ғалат рафтан дар зиндагии бузургон низ аз имкон дур нест. Аммо дидаю дониста сафедро сиёҳ гуфтан, ҳақиқати таърихро таҳриф кардан гуноҳест, ки кафорат надорад.

Александр Фадеев ба Комитети марказии Партияи коммунистии умумииттифоқ мактуб менависад. Ӯ адабиётшиносони тоҷикро гунаҳкор месозад, ки классикони адабиёти форсу ҳинд, ӯзбеку озарбойҷонро ба худ мансуб медонанд, адабиёти классикии ӯзбекро нодуруст шарҳ медиҳанд, бо ин амал ӯзбекҳоро меранҷонанд.

Ҳомӯшӣ аломати ризоият аст. Бобоҷон Ғафуров аз таърихи талхи мардуми тоҷик медонист, ки сари ҳамро ҳам шамшер мебурад. Ӯ ба котиби Комитети марказӣ Михаил Суслов мактуб менависад ва бесалоҳиятии Фадеевро дар ин мавзуъ шарҳ медиҳад. Вале мактуб барои доираи маҳдуд буд. Бобоҷон Ғафуров тасмим мегирад, ки дар анҷумани XIX ВКП /б/ ин масъаларо ба миён гузорад.

Аз нутқи Б. Ғафуров дар анҷумани XIX ВКП /б/:

«Яке аз сабабҳои сустфаъолиятии аҳли қалам, ба назари ман, набудани танқиди ҳақиқии партиявӣ миёни нависандагон аст. Мақолаҳо ва суханрониҳои рафиқ Фадеевро хонед. Онҳо, маъмулан, мулоҳизаҳои умумӣ ва беозореанд, ки касеро ба коре водор намесозанд. (Ҷунбиш дар толор). Баъзан рафиқ Фадеев шахсан вазъияти адабиёти миллиро наомӯхта, истифода аз материалҳои мушовирони бесалоҳияташ мекунад ва худро дар ҳолати ноҳинҷор мегузорад. Масалан, чанде пеш рафиқ Фадеев республикаи моро гунаҳкор сохтан хост, ки гӯё мо классикони адабиёти дигар миллатҳоро мансуб ба худ донистаем. Баъдтар ӯ маҷбур шуд хатои худро эътироф кунад. Барои омӯхтани адабиёти миллӣ рафиқ Фадеев мутахассисонро аз республикаҳои миллӣ, ки тавонанд дар ин кор барояш кумак кунанд, ҷалб намекунад...».

Дар ин мубориза ду майдон, ду гурӯҳ ба миён меояд: яке, онҳое, ки такя ба ҳақиқати илмӣ мекунанд, дигар, онҳое, ки бо зар зархарид мешаванд.

А. Твардовский, академик В. В. Струве, академик М. Андреев, академик А. Ю. Якубовский ва дигар шоҳсутунҳои илму адабиёт ҳақиқати таърихро аз манфиати яклаҳзаина боло мегузоранд ва ҷонибдори Бобоҷон Ғафуров мешаванд. Вале ҷонибдорӣ ҳанӯз барои ҳалли масъала кофӣ набуд.

Бобоҷон Ғафуров барои парда аз рӯи ҳақиқат бардоштан ба И. В. Сталин муроҷиат мекунад. (Муфассал дар китоби “Тоҷикон дар суҳбати Ғафуров бо Сталин”).

**Ин ҳама кашмакашҳо Бобоҷон Ғафуровро водор меку-над, ки аризаи истеъфо нависад ва аз пайи тадқиқи таъри-хи халқи тоҷик – таълифи китоби "Тоҷикон" шавад.**

# АРИЗАИ ИСТЕЪФОИ

**котиби якуми Комитети марказии ПК Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров ба котиби КМ Партияи коммунистии Иттифоқи Советӣ Маленков:**

*«Чӣ хеле ки шумо медонед, ихтисоси асосии ман таъ-рихшиносист. Соли 1949 ман қисми аввали «Таърихи халқи тоҷик»-ро ба чоп расонидам. (Ӯ нашри русии китобро дар назар дошт,- Ш. Ҳ.). Солҳои охир бо як гурӯҳ муаррихони республика барои ҷилди дувуми таърихи Тоҷикистон (давраи советӣ) мавод ҷамъ овардаам. Офаридани таърихи Тоҷики-стон дар давраи советӣ на танҳо барои хонандаи советӣ, балки барои кишварҳои демократии халқӣ низ дорои аҳамият аст. Аммо ман ба хулоса омадам, ки дар вазифаи Котиби КМ ПК Тоҷикистон буда, наметавонам навиштани ҷилди дувумро ба анҷом расонам. Барои ҳамин аз шумо хоҳиш меку-нам, ба ман иҷозат диҳед, то охири соли 1953 ба офаридани таърихи давраи советии халқи тоҷик машғул шавам. Иҷрои вазифаи Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистонро дар набудани ман метавонад котиби дувуми КМ рафиқ Обносов П. С. бар уҳда дошта бошад. Дар сурати ғайриимкон будани ин кор, бе озод кардан аз вазифа, ба сифати котиби якум, фикр меку-нам, мумкин аст Раиси Совети вазирони РСС Тоҷикистон Ҷ. Расулов ва бар ивази Расулов раиси Президиуми Совети олии РСС Тоҷикистон И. Додхудоев тавсия шаванд».*

**Соли 1953**

**Хоҳиши ӯ ба инобат гирифта намешавад. Ғафуров иҷрои вазифаро давом медиҳад.**



### Иосиф Сталин о таджиках

"Я хочу сказать несколько слов о таджиках. Таджики - это особый народ. Это не узбеки, не киргизы, это - таджики, самый древний народ Средней Азии. Таджик- это значит носитель короны, так их называли иранцы, а таджики оправдали это название.

Из всех нерусских мусульманских народов на территории СССР таджики являются единственной не тюркской, - иранской народностью. Таджики - это народ, чья интеллигенция породила великого поэта Фирдоуси, и недаром они, таджики, ведут от него свои культурные традиции. Вы, должно быть, чувствовали в период декады, что у них, у таджиков, художественное чутье тоньше, их древняя культура и особый художественный вкус проявляются и в музыке, и в песне, и в танце.

Иногда у нас русские товарищи всех смешивают: таджика с узбеком, узбека с туркменом, армянина с грузином. Это, конечно, неправильно. Таджики - это особый народ, с древней большой культурой, и в наших советских условиях им принадлежит большая будущность. И помочь им в этом должен весь Советский Союз. Я хотел бы, чтобы их искусство было окружено всеобщим вниманием.

Я поднимаю тост за то, чтобы процветали таджикское искусство, таджикский народ, за то, чтобы мы, москвичи, были всегда готовы помочь им во всем, в чём необходимо".

**Сказано во время приема в Кремле участников декады таджикского искусства 22 апреля 1941 года**

# НИНЕЛ

## чаро Бобоҷон Ғафуров ба духтараш чунин ном гузошт?



*Бобоҷон Ғафуров бо духтараш Нинел ва набераи Розия*

Суҳбати нахустини муаллифи ин сатрҳо бо Нинел соли 1983, дар бинои Институти шарқши-носии АИ СССР, дар шаҳри Ма-скав баргузор гашта буд. Мулоқо-ти ман бо ӯ бо тавсияи академик Г. Ким - ҷонишини директори институт сурат гирифт. «Бо дух-тари Бобоҷон Ғафурович ҳам-суҳбат шавед»,- гуфт ӯ. Албатта, дар тасаввури ман Нинел дигар буд. Ӯро бонуи навчаҷад дарёф-там. Суҳбати мо тӯлонӣ набуд. Баъдан борҳо тавассути телефон бо ӯ суҳбат доштам. Борҳо мехо-стам пурсам, ки тӯли солҳои зиёд асрори духтари Бобоҷон Ғафуров будани ӯ зери парда монд. Вале истиҳола кардам. Ман боре ҳам Бобоҷон Ғафуровро надидаам. Он чӣ навиштам, филми муста-нади рӯи навор овардаам аз бой-гониҳо, хотираҳо ва аснод аст. Аммо пас аз суҳбатҳои тӯлонӣ бо ҳамсари Бобоҷон Ғафуров Капиталина Александровна ин асрорро дарёфтам. Ӯ ба ҳар наз-дикии аллома Ғафуров бо дӯстон, наздикон, хешу табор бо рашк назар меандохт. Рашке, ки хоси аксари занҳост. «Шавҳарам моли танҳо худам» - ин аст фалсафаи занҳое, ки аз нӯги бинӣ дурро намебинанд. Нинел дуҷори ин мушкилот гашта буд, ӯ намехост мушкилоте дар рӯзгори падар дар муносибат бо моиндар ворид ку-над. Мулоқоташ бо падар берун аз чордевори хона сурат мегирифт. Солҳои охири умр фарзанди яго-на Нинел таскини дили Бобоҷон Ғафуров буд.

Модари Нинел кист ва чаро касе аз мавҷудияти ӯ хабаре на-дошт? Қисме аз дӯстон ва назди-кони Бобоҷон Ғафуров аз мавҷу-дияти вай огаҳӣ доштанд. Аммо билети партиявӣ имкон намедод, ки ин сир ошкор гардад. Маълу-моти мукаммал дар бораи мода-ри Нинел, баъд аз марги Бобоҷон Ғафуров дар хотироти Нинел мардумӣ гашт. Модари Нинел Бесакаева Карима Ҳамидовна аслан аз нажоди кабардинҳост ва дар Кавказ ба дунё омадааст. Ӯ бо роҳи модараш Нурҷон меравад, ки корманди ҳизбӣ буд. Карима ба Адилов ном корманди ҳизбӣ аз Ӯзбекистон ба шавҳар мебарояд ва соли 1929 ба Тошканд меку-чад. Аммо рӯзгор дар хонадони шавҳар ба Карима гарон меаф-тад, ӯро ҳамчун келини асил, ки дар мафҳуми он замон хонашин буд, қабул намекунанд. Хархашаи хонаводагӣ ӯро ба ҷудоӣ мебарад. Ӯ худро масруфи корҳои ҷамъи-ятӣ мекунад. Карима Ҳамидовна соли 1931 Рабфаки осиёмиёна-гиро хатм мекунад ва дар шаҳри Тошканд ба фаъолияти ҳизбӣ ме-пардозад. Соли 1931 бо тавсияи Охунбобоев ба Маскав ба курси дусолаи Университети коммуни-стии меҳнаткашони Шарқ барои таҳсил сафарбар мешавад. Ши-носоии ӯ бо Бобоҷон Ғафуров дар Маскав сурат мегирад. Карима Ҳамидовна онро соли 1933 хатм карда, дубора ба Ӯзбекистон бар-мегардад ва барои кор ба Марғе-лон сафарбар мегардад. Баъдтар ӯ ба Тошканд бармегардад ва дар идораи рӯзномаи «Правда Восто-ка» ба ҳайси инструктори шуъбаи мактубҳои колхозчиён ва баъдтар ба ҳайси мудири шуъбаи рӯзно-маи «Комсомолец Узбекистана» кор мекунад.

Соли 1938 Карима Ҳамидов-на барои кор ба Тоҷикистон сафарбар мешавад. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, ӯ дар ноҳияи Қумсангир дар Кумитаи ҳизбии ноҳия ба сифати Котиб ба кор оғоз мекунад. Нинел дар Тоҷи-кистон 23-юми апрели соли 1939 ба дунё меояд. Баъд аз таваллуд модараш зиндагӣ дар Тошкандро ихтиёр мекунад.

Агар номи НИНЕЛ-ро аз рост ба чап хонем ЛЕНИН мешавад.

# МИССИЯИ ДИПЛОМАТИИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

## Иҷрои супориши КМ ҲК ИҶШС метавонист муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро вайрон кунад, аммо...



*Усмон Юсупов, котиби 1-уми КМ ПК Ӯзбекистон*

Бобоҷон Ғафуров асоси пешрафти Тоҷикистонро дар гу-стариши ҳамкорӣ бо кишварҳои хамсоя, махсусан Ӯзбекистон медиданд. Соли 1946 Ғафу-ров Котиби якуми КМ Парти-яи коммунистии Тоҷикистон интихоб мешаванд. Он замон Усмон Юсуфов Котиби яку-ми КМ Партияи коммунистии Ӯзбекистон буд. Муносибати хуби ӯ бо Иосиф Сталин фазои густурдаеро дар ин кишвар фа-роҳам сохт. Як сухани Усмон Юсуфов бас буд, ки ҳар муш-киле, ки дар Осиёи Миёна бо-шад, ҳал гардад. Ин кормандони масъул, сарпарастони Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар Маскав ба таҳлука андохта буд. Онҳо зери лаб дандон мехоиданду ҳарфе аз даҳон берун сохта наметаво-нистанд. Бо дасти дигарон ҳа-рифро мағлуб сохтан, тафрика андохтану ҳукумат рондан хоси ин ашхос буд. Тоҷикистон ҳада-фи онҳо қарор мегирад. Бобоҷон Ғафуров дастур мегиранд, ки ба Ӯзбекистон сафар анҷом диҳанд ва дӯстона ба Усмон Юсуфов гӯянд, ки роҳи интихобкардааш нодуруст аст, аз аксу овезаҳояш дар Тошканд бӯи шахспарастӣ меояд.

Чаро ӯ? Чаро Маскав шахсеро, ки нав котиби аввал интихоб шу-дааст, бо чунин «миссияи дипло-матӣ» мехоҳад ба даҳони аждаҳо андозад, дар заминаи мушкилоти мансубияти таърихӣ муносиботи бе ин ҳам тезутунди ду ҷумҳуриро муташанниҷтар созад? Ӯ хуб дарк мекунад, ки гуфтани ин ҳарфҳо чӣ вокунишеро аз ҷониби Усмон Юсуфов ба бор меоварад. Шояд нармтарини он «Бирав, Бобоҷон, ту ҳанӯз ҷавон ҳастӣ, кори ху-дро бидон!» бошад. Рад кардани иҷрои супориши Маскав низ имконнопазир буд. Бобоҷон Ға-фуров дар дуроҳа қарор дошт. Ӯ иҷрои ин супориши дипломати-ро ба гардан ва омодагӣ ба сафар мегирад.

Оғози ин сафар худро ба оғӯши шаби тору дарёи беканор андох-тан буд.

Дар Фурудгоҳи шаҳри Тош-канд Бобоҷон Ғафуровро истиқ-бол мегиранд ва рост ба дафтари кори Усмон Юсуфов меоранд. Усмон Юсуфов бо чеҳра ва лаҳ-ни ба худаш хос меҳмонро пази-роӣ мекунад ва дар рафти суҳбат мепурсад:

- Чӣ хидмат?

Бобоҷон Ғафуров худро ба даст мегиранд, сарашонро такя ба бо-зуи рост дода, бо чашмони гиро ба роҳбари Ӯзбекистон менигаранд:

- Ман котиби ҷавон ҳастам, таҷрибаи кофӣ надорам, шумо роҳбари собиқадору соҳибтаҷри-ба ҳастед, омадам, ки аз шумо кор омӯзам.

Зери ин суханон воқеият нуҳуфта буд. Усмон Юсуфов аз соли 1937 котиби якум - шахси аввали Ӯзбекистон буд. Тройка ва репрессияи сталинӣ, мушки-лоти Ҷанги бузурги ватаниро аз сар гузаронида буд. Оҳане буд дар кӯраи сиёсат, ки ба пӯлод мубад-дал гашта.

Нигоҳ, сухани Бобоҷон Ға-фуров ба Усмон Юсуфов писанд омад. Ӯ оғӯши муҳаббат боз на-муд. Шахсан Бобоҷон Ғафуровро барои шиносонидан бо корхо-наҳои шаҳри Тошканд ҳамроҳӣ менамояд. Ҳатто имкон фароҳам меоранд, ки Бобоҷон Ғафуров дар маҷлиси бюрои Кумитаи мар-казии Ҳизби коммунисти Ӯзбе-кистон иштирок кунад. Сафар ба анҷом мерасид, вале ҳанӯз фурсати муносиби иҷрои супо-риши Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Иттифоқи Советӣ фаро нарасида буд. Ҳангоми бо-згашт Бобоҷон Ғафуровро Усмон Юсуфов шахсан гусел мекунад. Ҳини гузаштан аз хиёбонҳои шаҳри Тошканд Бобоҷон Ғафу-ров ба аксҳои дар биноҳо овехтаи Усмон Юсуфов ишора карда ме-гӯяд, ки онҳо чандон ба ӯ муносиб нестанд.

- Ман инро медонистам, имрӯз мефармоям онро бо акси беҳтаре иваз намоянд,- мегӯяд дар ҷавоб Усмон Юсуфов.

Ҳангоми гусел ин ду шахсияти таърихӣ ба ҳам чӣ гуфтанд, танҳо худашон медонанд. Ҳамин қадар рӯшан аст, ки таассуроти неки онҳо аз ҳамдигар заминае барои муносиботи неки ду ҷумҳурӣ гу-зошт.

Бобоҷон Ғафуров ба Душан-бе бармегардад ва ба Маскав аз иҷрои супориш ҳисобот медиҳад. Миссияи дипломатӣ ба хубӣ анҷом пазируфт. Ҳам лаъл ба даст омаду ҳам ёр наранҷид.

**Аз китоби Шариф ҲАМДАМПУР, "ТОҶИКОН дар суҳбати Ғафуров бо Сталин"**

«Агар дар аҳди Сомониён дар сари гаҳвораи фарҳангу адабиёти оламшумули мо сардафтари адабиёти тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шабзиндадорӣ карда бошад, дар садсолаи бистум, ки масъалаи будан ё набудани миллати тоҷик борҳо дар дастури рӯз қарор дошт, устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров бо пуштибониву посдории таърих, фарҳанг, забон ва мероси адабӣ, парчаму оини давлатдорӣ ва ҳаққу ҳуқуқи маънавии миллати тоҷик бархоста, бар зидди фарҳангситезони кӯрботин муборизаи оштинопазир бурданд. Ин ду фарзанди бузурги миллат бо шоҳасарҳои худ «Намунаи адабиёти тоҷик» ва дертар «Тоҷикон» нақшаҳои шуми бадхоҳон ва душманони миллати тоҷикро бо бурҳону далелҳои қотеъ ва санадҳои раднопазири илмӣ барбод дода, таъриху фарҳанг ва забони ноби тоҷикиро наҷот доданд».

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# УСТОД АЙНӢ ВА БОБОҶОН ҒАФУРОВ




**Абдулҳай МАҲМАДАМИНОВ,**
**профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Рисолат ва хидматҳои бузурги таърихии барои миллати тоҷик анҷомдодаи ду нобиғаи беҳамто - устод Айнӣ ва аллома Б. Ғафуров, дар даврае, ки тақдири ин миллати куҳанбунёду тамаддунофар халлу фасл мегардид, сухани муаррихи фаронсавӣ Томас Карлейл (1795-1881)-ро ба хотир меоварад, ки гуфта буд: «Таърихи дунё тарҷумаи ҳоли одамони бузург аст».

Фаъолияти ин ду абармарди фарҳангӣ ва сиёсӣ аз ибтидо то интиҳо тавъам вокеъ шудаанд ва манфиату самараҳои неку файзбахш ба бор овардаанд. Он чиз қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар чараёни фаъолиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ яке идомадиҳанда ва такмилдиҳандаи кору пайкор ва амалисозандаи мақсаду ормонҳои идеалии дигаре гардидааст. С. Айнӣ ва Б. Ғафуров шахсиятҳои фавқулода мебошанд, ки барои ба ягонагие иттиҳод, ба ҳам овардан, баҳри ба манфиати миллати тоҷик раҳнамун сохтани тамоми қувваҳои ҷомеа бо заковату хирадмандӣ ва фаъолиятҳои бузурги созандагии худ хизматҳои бузурги таърихӣ анҷом додаанд.

Дар солҳои 20-уму 40-уми садаи XX, дар он давраи сарнавиштсоз, ки тақдири миллати тоҷик ва фарҳангу тамаддуни оламшумули он ҳал мегардид, таърих ба зиммаи субъектҳои сиёсӣ ва зиёиёни тоҷик иҷрои вазифаҳоеро гузошт, ки замон ва ҷомеа ҳалли дуруст у саривақтии онҳоро талаб мекард. Он вазифаҳои ҳалталаб аз нигоҳи моҳият рисолатҳои таърихӣ барои миллати тоҷик ба шумор мерафтанд. Дар он замон муҳимтарин, зарууртарин ва асоситарин вазифаҳо иборат буд аз масъала ва муаммоҳои зерин:

*1. Исботи мавҷудияти таърихии халқи тоҷик ва забону адабиёти он.*

*2. Омӯзиши мероси адабӣ ва муайян кардани ҳуқуқи халқи тоҷик ба адабиёти гузашта.*

*3. Ташвиқ ва тарбияи қувваҳои нави эҷодӣ ба адабиёти шӯроии тоҷик.*

*4. Баёну шарҳи усул ва хусусиятҳои адабиёти шӯроӣ.*

*5. Мубориза барои нигаҳдории асолат ва инкишофи забони адабии тоҷик.*

*6. Мубориза ба муқобили нигилизми таърихию адабӣ ва таъмину равнақи фарҳанги тамаддуни нави тоҷикӣ.*

*7. Бедор кардани худогоҳӣ ва худшиносии миллии тоҷикон.*

*8. Саъю кӯшиш ва талоши пайваста барои инкишофи маорифу фарҳанг, соҳибдониш ва бомаърифат шудани меҳнаткашони тоҷик.*

*9. Мубориза дар роҳи ягонагию ваҳдати тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон.*

*10. Таълиму тадрис ва тайёр кардани мутахассисони варзида.*

Зиндагиномаву корномаи устод Айнӣ ва Б. Ғафуров аз он равшан шаҳодат медиҳад, ки рисолати таърихии ин ду абармарди миллат аз ибтидои фаъолияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиашон то дами вопасини ҳаётошон баҳри амалӣ гардонидани вазифаҳои бузург ва мақсадҳои олии фавқуззикр равона гардида ва ба натиҷаҳои шоиставу дилхоҳ ва ғолибият муваффақ ҳам гардидааанд.

Дар соли 1924 баъди табартақсими Осиёи Миёна, хусусан дар арафаи аввал вилояти худмухтор ва сипас Ҷумҳурии худмухтор гаштани тоҷикон дар хусуси масъалаи халқи тоҷик баҳсу мунозираҳои шадиду доманадоре сар шуданд, ки асли мақсади он моҷарову даъвоҳои беасос инкори мавҷудияти таърихии тоҷикон буд. Мункирони халқи тоҷик, махсусан пантуркистон дар Осиёи Миёна вуҷуд доштани тоҷиконро ба куллӣ инкор карда, бар зидди ташкили давлати нави тоҷик баромаданд. Дар чунин вазъияти фоҷиавию вахшатангез С. Айнӣ барои ҳимояи халқи худ сина сипар карда, часурона ба майдони мубориза ворид мегардад ва бо навиштани китоби «Намунаи адабиёти тоҷик», ки вокеан чун «шиносномаи ҳақиқии халқи тоҷик» эътироф гардидааст ба зикри далелҳои қотеи таърихӣ, илмӣ ва фарҳангию адабӣ тамоман беасос будани даъвоҳои бебунёди пантуркистонро дар ҳақи халқи тоҷик собит менамояд: «Ана ин асар - «Намунаи адабиёти тоҷик»,- таъкид мекунад С. Айнӣ,- бо фактҳои таърих пардаи он иғвогаронро (пантуркистонро,- А. М.) даронид ва ба даҳони онҳо муҳри хомӯшӣ зад».

Анҷоми чунин амали муваффақона ва қаҳрамонона аз ҷониби устод Айнӣ дар шароити бағоят мураккабу пуртазод ва бағоят муташанниҷу хатарзо, ки тақдири таърихии халқи тоҷик ҳал мегардид, албатта, рисолати бузурги таърихие ба шумор меравад.

Таърихи беш аз сад соли охир гувоҳи он аст, ки баҳсу мунозираҳо дар атрофи таъриху тамаддун, забону адабиёт ва фарҳанги оламшумули тоҷикон пайваста дар шаклҳои гуногуни ихтилофбарангез идома дорад ва дар ҳар давра шахсиятҳои бузурги сиёсӣ ва фарҳангӣ барои дифои манфиатҳои миллии халқу кишвари худ собитқадамона кору пайкори зарурӣ ва шоистаро анҷом медиҳанд.

Дар ин бобат нақш ва мақоми фарзанди фарзонаи миллат, шогирди содиқ ва идомадиҳандаи таълимоти устод Айнӣ, таърихнигори машҳури ҷаҳонӣ, аллома Бобоҷон Ғафуровро махсус бояд таъкид намуд. Ҳам дар замони барҳаёт будани С. Айнӣ ва ҳам дар солҳои баъдина Б. Ғафуров бо вуҷуди ҳама мушкилоти сиёсиву идеологӣ дар партави афкору ақида ва нишондодҳои хирадмандонаи устоди худ баҳри ба вуҷуд овардани таърихи ҳақиқӣ ва илмии тоҷикон дар солҳои 40-уму 70-уми асри XX байрақи муборизаро баланд бардошта, корномаи бемислу монанд ва қаҳрамонии беназир нишон дод. Асолат, моҳият, ҳақиқат ва арзишмандии таърихи халқи тоҷик дар таърихномаҳои Б. Ғафуров хусусияти нави сифатӣ пайдо кард, ки аз байни таълифоти ӯ ду шоҳкории вай - «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947) ва «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна» (1972) ин иддаоро хеле равшан собит менамояд. Ин ду асар аз нигоҳи мухтаво, ҳақиқатнигорӣ, таҳлили амиқу муқоисавии рӯйдодҳои таърихӣ, равшан кардани нақш ва мақоми шахсиятҳои бузург, рухи озодандешӣ, қудрати бузурги созандагӣ, донишу фарҳанг, хираду заковат, аз арзишҳои умумибашарӣ саршор будани таърихи тоҷикон, натиҷагириҳои мӯътамаду пурқуввати илмӣ ва сабақгириҳои таърихӣ барои имрӯзу ояндаи наслҳо дар таърихи ҷаҳонӣ ҷойгоҳу мақоми хосаеро ишғол менамояд. Дар як муддати кӯтоҳ - беш аз 40 сол ба бисёр забонҳои халқу миллатҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума ва нашр гардидани китоби «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна», албатта, далели барҷастае мебошад, ки чунин эътибору афзалияти беҳамто на ба ҳар гуна асари таърихӣ муяссар мегардад. Муҳаққиқи барҷастаи рӯзгор ва осори Б. Ғафуров, донишманди маъруф Усмонҷон Ғаффоров дар асоси пажӯҳишҳои чандинсола ба ин натиҷа расидааст, ки дар ҳақиқат «Тоҷикон»-ро «бе муболиға қаҳрамонии илмии олим хосбидан мумкин аст».

Омӯзиши Б. Ғафуров аз осори устод Айнӣ ва тарбиятҳои бевоситаи маънавӣ диданаш аз ин донишманди бозаковати энсиклопедӣ аз нимаи дуюми солҳои 20-ум оғоз гардида ва махсусан дар солҳои 30-юму 40-ум ва 50-ум хеле вусъат пайдо мекунад ва ба ҳамкориву робитаи дӯстиву эҷодии қарин табдил меёбад. Шабоҳати афкору таълифоти осори мондагор дар масири таърих ин аст, ки асари шуҳратманди устод Айнӣ «Маънои калимаи «тоҷик» дар луғатҳо ва ҷойи корфармудашудаи он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима» ва очеркҳои таърихию адабии ӯ «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» маҳз бо хоҳишу талаби Б. Ғафуров навишта шудаанду дар айни замон асарҳои Б. Ғафуров - «Сарнагуншавии Аморати Бухоро. Ба 20-солагии инқилоби шӯравӣ дар Бухоро (1920-1940)» (1940), «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ. Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон» (1944), «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва «Тоҷикон» дар зери таъсири осори С. Айнӣ ва машварату тавсияҳои ӯ ба майдон омада, талаби замон, рисолати таърихии даврон ва эҳтиёҷоти зарурии ҷамоатчигии тоҷикро дар шароити нави таърихӣ анҷом додаанд ва номи муаллифро вирди забон гардонидаанд.

Ба ин тариқ, он вазифа ва рисолатҳои таърихӣ ва фарҳангие, ки нобиғаҳои тоҷик устод Айнӣ ва аллома Б. Ғафуров дар замони худ барои ҷамоатчигии тоҷик анҷом додаанд, дар сарнавишт ва таърихи тоҷикон нақши халкунанда бозидаанд, пойдориву бақои давлатдорӣ, инкишофу рушди минбаъдаи маънавият ва фарҳангу тамаддуни нави миллати тоҷикро ҳарҷониба таъмин намуданд. Он вазифа ва рисолатҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии анҷомдодаи ин ду шахсияти бузург - С. Айнӣ ва Б. Ғафуров ва афкору ақидаҳои пешқадами онҳо дар назди наслҳои имрӯзаву ояндаи вазифаҳои нав мегузоранд, ки иҷрои онҳо заминаи муҳиме барои равнақу шукуфоии минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад гардид.

«Меҳрубониҳои модари азизамро наметавонам дар як суҳбати кӯтоҳ пурра баён созам. Ҳамаи онҳо дар дилам чун дар бойгонӣ қабат-қабат ҷо гирифта, маро ҳамеша зинда нигоҳ медоранд. Фақат ин қадар мегӯям, ки агар меҳрубонӣ, ғамхорӣ, дуоҳои нек ва дилбардориҳои модари арҷмандам чун нурҳои нарми хуршед доиман бар сарам намерехтанд, асари «Тоҷикон»-ро рӯи нашр овarданам басе душвор буд. Ӯ ҳамеша аз тақдири китоби «Тоҷикон» мепурсид ва гоҳи хайрухуш дуоям медод...».

**Бобоҷон ҒАФУРОВ,**
**Қаҳрамони Тоҷикистон**



# МОДАРИ АЛЛОМА

Модари Қаҳрамони Тоҷикистон, аллома Бобоҷон Ғафуров Розия Озод 17-уми январи соли 1983 дар шаҳри Хуҷанд, дар оилаи косиби камбағал таваллуд шудааст. Падару модар зеҳни тез, ақли расо ва меҳру муҳаббати беандозаи Розияи хурдакакро нисбат ба китоб эҳсос намуда, новобаста аз зиндагии мушкил ӯро ба мактаби куҳнаи духтарона месупоранд. Розия дар муддати кӯтоҳ хату савод бароварда, баъди ба камол расидан ба эҷодиёти Аттор, Фирдавсӣ, Саъдию Ҳофиз, Бедил ва Мавлоно дил мебандад, вале дар он рӯзгорон имкони сайқал додани истеъдод, махсусан барои духтарон мавҷуд набуд.

**Розия Озод дар як шеъраш, ки "Иҷтимои ҳоли ман" ном дорад, рӯзгори хешро чунин қаламдод мекунад:**

*Ба даври пеш ман чизе аз*
*илму фан надонистам,*
*Ба нодонӣ гузашт умри*
*азизи ман, надонистам.*
*Ба ҷуз ғам дар дилу коҳиш ба*
*ҷону тан надонистам,*
*Ба тан як умр ҷуз як*
*кӯҳнапироҳан надонистам...*

Вале рӯзгори душвор Розияи Озодро руҳафтода карда натавонист. Ӯ пас аз он, ки оила барпо кард ва соҳиби фарзандон шуд, барои таъмини хонавода баробари шавҳараш кор мекард. Соли 1935 баъди вафоти шавҳар бо фарзандонаш танҳо монд, вале онҳоро ба воя расонид. Ба онҳо таълиму тарбия дод ва аз ҳама муҳим, тавонист фарзандонашро дар руҳияи ватандӯстию меҳнатдӯстӣ парварда, онҳоро ба роҳи дурусти зиндагӣ, хусусан инсондӯстию накӯкорӣ ҳидоят намояд. Ӯ фарзандонашро дар оила бо шеърҳои пандомезаш тарбия карда, ба ин васила, дар қалби онҳо меҳру муҳаббат ба китобу адабиётро бедор кард. Ҳамин аст, ки фарзандони ӯ дар ҷодаҳои зиндагӣ комёбу муваффақ шуданд.

Таваллуд ва ба камол расидани алломаи замон ва Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров дар хонаводаи Розия Озод бозгӯи тарбияи дуруст ва ҳидояти хуби модар буда, аллома маҳз дар партави тарбияи модар соҳибэҳтиром ва шуҳратёр гардидааст. Зеро Бобоҷон Ғафуров ҳангоме, ки дар вазифаҳои пурмасъулияти ҳизбӣ фаъолият мекард, модар ҳамеша дар паҳлуяш буд, дасти дуо кушода, ба ӯ дуои нек медод, насиҳатҳо мекард ва дар маҷмуъ, таъсири худро барои шахсияти бузург шудани фарзандаш мегузошт.

Розия Озод ба шеърнависӣ аз солҳои 30 оғоз карда, намунаи ашъораш дар матбуот нашр мешуданд. Ӯ аввалин шоираи тоҷик дар даврони Шӯравӣ аст, ки ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудааст. Шоира дар замони Ҷанги бузурги ватанӣ бештар фаъол шуд ва дар матбуоти даврӣ пайваста шеърҳояш нашр мешуданд. Дар ин давра мавзуи эҷодиёти ӯ маҳкум кардани ҷанг ва ҳидояти насли ҷавон ба ҳимояи марзу бум буд. Маҳз дар ҳамин давра шоира шуҳрат пайдо кард. Нахустмаҷмӯаи ӯ «Муҳаббат ба Ватан», ки ашъори ватандӯстонаи шоираро фаро гирифтааст, далели гуфтаҳои болост. Баъдан, китобҳои шоира «Гулистони ишқ», «Аз водии тиллоӣ», «Иқбол», «Зинда бод сулҳ!», «Шеърҳои мунтахаб», «Дӯстони ман», «Мунтахабот», «Орзуи ман» ва «Хотира» пайи ҳам ба нашр мерасанд. Баъзе китобҳояш, чун «Солнечный край», «Стихи», «Любовь к Родине» ба забони русӣ ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, ашъори ӯ ба забонҳои мухталиф тарҷумаву нашр гардидаанд.

Нақши Розия Озод дар тарбияи маънавии Бобоҷон Ғафуров ниҳоят бузург аст. Имрӯз вақте ашъори шоираро варақ мезанем, гумон мекунем, ки сарнавишти фарзанди қаҳрамонашро ӯ солҳо пеш дар навиштаҳояш орзу карда буд. Дар ду шеъраш - "Хайр модарҷон" ва "Насиҳат ба фарзанд" Розия Озод фарзандашро дуо мекунад, ки дар оянда қаҳрамон бошад. Дуои Розия Озод мустаҷоб гардид ва фарзандаш ифтихори миллати тоҷик дар ақсои олам шуд.

## *Насиҳат ба фарзанд*

*Мекунам бар ту насиҳат, эй писарҷон, гӯш дор,*
*Модари пурдидаат гӯяд суханҳо, ҳуш дор.*
*Аз барои ту кашидам ранҷҳо, эй нури чашм,*
*Худ нахобидам, туро хобонда шабҳо дар канор.*
*Гуфтам: "Мактаб раву омӯз илму маърифат,*
*То ба халқат нафъ бахшӣ чун дарахти мевадор".*
*Гуфтам: "Хушфеъл бошу кордони хоксор,*
*То ки байни халқи олам умр ёбӣ пойдор...".*
*Баркамолӣ ту, акнун рафта дар майдони ҳарб,*
*Душмани қаттоли худро менамоӣ торумор.*
*Ҷаҳд кун, ғолиб барову гир номи қаҳрамон,*
*Номи ту шуҳрат биёбад дар ҷаҳон бо ифтихор!*

**Розия ОЗОД**

# ПАДАРИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

**Аз рӯйи маълумоте, ки дар даст дорем, шаҷараи авлодии Бобоҷон Ғафуров аз Сангинбойи хуҷандӣ оғоз мешавад. Сангинбой ва гузаштагонаш аз маҳаллаи Хоҷа Камол буданд ва касби хонаводагиашон бофандагӣ буд.**



Ӯ чор писар дошт: Абдулло, Умар, Машариф ва Ғафур. Даромад аз касби авлодӣ барои таъмини оила басандагӣ намекард. Бо вуҷуди ин, ӯ аз пайи мустақил кардани фарзандон шуд. Сангинбой тибқи таомули мардуми Хуҷанд Робиа ном духтари Бойматбойро аз маҳаллаи Чоршанбе хостгорӣ карда, ба писари калониаш Абдулло оиладор мекунад. Чун ҳавлӣ танг буду шароити зиндагӣ душвор, оилаи ҷавон ба Исфисор мекӯчад. Ин бесабаб набуд. Дар оғози асри XX, баъди забти Хуҷанд аз ҷониби Русияи подшоҳӣ ва бунёди Хати роҳи оҳани Осиёи Миёна дар Исфисор стансияи Хуҷанд сохта шуд. Ин сабаб гардид, ки ин деҳаи кӯчак дар як муддати кӯтоҳ ба шаҳраки интернатсионалистӣ, косибӣ ва тиҷорат табдил ёбад.

Абдулло дар Исфисор қассобӣ мекард ва баъдан дӯкони гӯшт ҳам кушод. Як порча замин харид ва ба ҳамин васила зиндагии худашро пеш мебурд. Бо гузашти чанд сол, писари дигари Сангинбой Ғафур низ ба Исфисор ба назди бародар омад. Дар хонаи бародараш Абдулло вай бо духтари дуюми Бойматбой Розияи 15-сола шинос ва ба вай меҳр пайдо кард ва дере нагузашта ба ӯ оиладор шуд. Ҳамин тавр, Ғафури писари Сангини хуҷандӣ ва падари Бобоҷон Ғафурови оламшумул исфисорӣ шуд.

Ғафур касби асосӣ надошт. Боғбонӣ, бофандагӣ ва корҳои вазнинро анҷом медод, ки оилаашро таъмин кунад. Баъди бо Розия хонадор шудан, бо кумаки бародараш Абдулло дар паҳлуи вокзали Роҳи оҳан як порча замин харида, хонаи лоин ҳам сохта буд. Бо гузашти солҳо дар оилаи Ғафуру Розия пайиҳам фарзандон таваллуд шуданд: Бобоҷон, Муъминҷон, Олимҷон, Тоҷинисо ва Зебуннисо...

Маблағи аз боғбонӣ ва корҳои сиёҳ пайдо мекардаи Ғафур ба таъмини оила намерасид. Бинобар ин, ҳамсараш Розия маҷбур буд, ки дар хонаи одамони сарватманд хизматгорӣ кунад ва фарзандонаш низ ба корҳои ҳархела бароянд. Бобоҷон Ғафуров дар вокзал боркашонӣ мекард, аз Хуҷанд майда-чӯйда харида, дар маҳаллаҳо мефурӯхт...

Дар чунин шароит бахти Ғафур омад карду дар вокзал ба кор даромад. Вале ин аҳволи оиларо беҳтар накард...

Мувофиқи навиштаҳои Бобоҷон Ғафуров, Тоҷинисо Ғафурова ва Нинел Бобоҷоновна Ғафурова, падари аллома Ғафур марди ҳалолхӯр, ҳалолкор, заҳматкаш ва фидоии оилаву фарзандон буд. Ҳамин аст, ки вазнину сабук нагуфта, кор мекард, то аҳли оила таъмин бошанд.

Соли таваллуди Ғафур маълум нест, вале тибқи маълумотҳо, ӯ соли 1935 аз олам мегузарад.

Зикри як нукта низ зарур аст. Вақте Бобоҷон Ғафуров аввал ба Тошканд ва баъдан ба Москва ба таҳсил меравад, бо русдухтаре оила барпо мекунад. Дар яке аз таътилҳо ӯ ҳамсари ҳомилаашро дар Исфисор гузошта, барои идомаи таҳсил меравад. Дар як шаби боронӣ ӯро дарди таваллуд мегирад. Дояҳои маҳаллӣ ба ӯ хизмат расонида наметавонанд. Дар Исфисор он вақт таваллудхона ва табибони касбӣ набуданд. Ғафур маҷбур мешавад, ки ба шиддати борон нигоҳ накарда, келинро ба Хуҷанд барад. Дар роҳи Хуҷанд ҳамсари якуми Бобоҷон Ғафуров сари фарзанд меравад. Баъдан Бобоҷон Ғафуров ду маротибаи дигар оиладор мешавад, бори аввал ба Карима Одиловаи кабардин, ки ходими ҳизбӣ буд ва бори дуюм ба Капиталинаи рус, ки ҳамкасби шавҳараш, яъне муаррих буд...

**Одил НОЗИР**

14-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров ташриф оварда, дар вазъияти тантанавӣ парда аз рӯи муҷассамаи академик Бобоҷон Ғафуров бардоштанд. Эшон аз толорҳои осорхона дидан карда, боз ҳам бо маслиҳатҳои муфиди хеш барои муаррифии симои бузургу хизматҳои мондагори академик Бобоҷон Ғафуров ба кормандони ин муассисаи фарҳангӣ сабақҳои омӯзанда доданд ва дар дафтари хотироти осорхона сабти афкор намуданд.



# ОСОРХОНАИ АКАДЕМИК ҒАФУРОВ
## ва дурнамои фаъолияти он




**Муқаддам ҲОШИМЗОДА, директори Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров**


Дар анҷом Пешвои миллат ба кормандони осорхона муроҷиат намуданд: "Шумо бояд ифтихор кунед, ки дар ин даргоҳи муқаддас кору фаъолият мекунед. Барои ба халқ ва хусусан ҷавононy мактаббачагону наврасон муаррифӣ кардани хизматҳои мондагори Бобоҷон Ғафуров ҷидду ҷаҳд кунед. Коре кунед, ки одамони ба ин муассисаи фарҳангӣ омада бо маълумотҳои саҳеҳ баргарданд. Ҳар як суҳбати шумо метавонад ҷавононро ба роҳи бузурги ватандӯстӣ ҳидоят намояд. Барои ин аз шумо дониши баланд талаб карда мешавад, забонҳои гуногунро бояд донед ва талаботи маънавии меҳмононро пурра қонеъ гардонед".

Воқеан, имрӯз баъди таъмиру тармим Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров симои нав гирифт ва ба яке аз марказҳои муҳим барои шинохти Қаҳрамони Тоҷикистон, аллома Бобоҷон Ғафуров табдил ёфт.

Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми апрели соли 1998, тахти рақами 105 дар манзилгоҳи ин олими барчаста, ходими давлатию ҷамъиятӣ бунёд гардидааст. Дар осорхона экспонатҳо, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, аксҳои таърихӣ ва мероси илмии академик Бобоҷон Ғафуров дар се толор гирдоварӣ шудааст.

**Толори якум** ба шоҳасари академик Боҷон Ғафуров «Тоҷикон» бахшида шудааст. Аллома Бобоҷон Ғафуров барои навиштани ин китоби бунёдӣ беш аз 2500 сарчашмаҳои дохилӣ ва хориҷӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва асарҳои илмию бадеиро истифода намудааст. Китоби мазкур соли 1972 бо забони русӣ аз чоп баромада, минбаъд бо забони тоҷикӣ ва зиёда аз 9 забони дунё тарҷума ва нашр шудааст.

**Толори дуюм** ба ҳаёт ва фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров бахшида шудааст, ки дар он ҷо шарҳи ҳол, таҳсил, пешаи рӯзноманигорӣ, фаъолияти ҳизбӣ ва иҷрои вазифаҳои ҳамчун котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон анҷомдодаи Бобоҷон Ғафуров инъикос гардидаанд.

**Толори сеюм** ба фаъолияти шарқшиносии академик Бобоҷон Ғафуров, таъсиси маҷаллаҳо оид ба инъикоси таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ бахшида ва дар он мукофотҳо, дастовардҳои Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ ИҶШС, мукотибот, рисолаҳои шогирдон ва ҳамкорону дӯстони Бобоҷон Ғафуров нигоҳдорӣ шудаанд.

Маводи осорхона доир ба давронӣ хонавода, наврасӣ, бачагӣ, таҳсил ва иштирок дар корҳои комсомол, инъикоси фаъолияти Бобоҷон Ғафуров дар корҳои комсомол, солҳои роҳбарӣ дар КМ ҲК Тоҷикистон, роҳбарӣ ба Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Шӯравӣ, равобити эшон бо шахсиятҳои маъруфи Шарқу Ғарб ва ғайра












маълумот медиҳад.

Ҳамчунин, дар осорхона гӯшаи махсус бо номи «Пешвои миллат ва эхёи корномаи Бобоҷон Ғафуров» ва гӯшаи филмҳои ба ҳаёт ва эҷодиёти Бобоҷон Ғафуров бахшидашуда ташкил шудааст. Инчунин, Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров нашрияи «Паёми Осорхонаи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро чоп мекунад, ки дар он таълифоти пажӯҳишгарон доир ба паҳлуҳои мухталифи ҳаётӯ фаъолияти Бобоҷон Ғафуров нашр мешавад.

Феълан, кормандони осорхона тасмим гирифтаанд, ки корҳои илмӣ-оммавиро барои солҳои 2021-2025 ҳамчун нақшаи дурнамо аз рӯи мавзӯи "Рӯзгор ва осори илмии академик Бобоҷон Ғафуров дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, мероси мактуб, тадқиқотҳои олимони шӯравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ" пеш баранд. Барои ҳалли дурнамои илмӣ зермавзӯҳо муқаррар карда шудаанд, ки масъалаҳои зеринро фаро мегиранд:

**1.** *Таҳия ва ба нашр омода намудани феҳрасти осори академик Бобоҷон Ғафуров ва адабиёт доир ба ӯ.*

**2.** *Зиндагиномаи Бобоҷон Ғафуров дар осори мустанад (ҳуҷҷатҳои бойгонӣ): ҷамъоварӣ, ба низом даровардан, тасниф, таҳқиқ ва нашри ҳуҷҷатҳои бойгонӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров.*

**3.** *Мероси мактуби академик Бобоҷон Ғафуров: ҷамъоварӣ, ба низом даровардан, тасниф, таҳқиқ ва нашри мукотиботи Бобоҷон Ғафуров бо олимон ва ходимони ҳизбию давлатӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ.*

**4.** *Академик Бобоҷон Ғафуров ва илми ховаршиносии шӯравӣ, ватанӣ ва ҷаҳонӣ.*

*5. Шуҳрати академик Бобоҷон Ғафуров дар Ҳинду Покистон.*

**6.** *Шуҳрати аллома Бобоҷон Ғафуров дар Эрон ва Афғонистон.*

*7. Шуҳрати академик Бобоҷон Ғафуров дар мамлакатҳои Аврупо ва Амрико.*

*8. Академик Бобоҷон Ғафуров ва Муҳаммад Осимӣ.*

*9. Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар ташаккул ва рушди донишкадаҳо, муассисаҳои илмӣ дар Тоҷикистон.*

*10. Академик Бобоҷон Ғафуров ва кишваршиносӣ (таърихи маҳал).*

*11. Симои Бобоҷон Ғафуров дар адабиёти бадеӣ.*

*12. Аз таърихи ташкил, фаъолият ва дурнамои Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров.*

Дар ҳақиқат, тантанаҳои бузурги ҷашни 115-солагии аллома Бобоҷон Ғафуров кормандони Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуровро руҳбаланд мегардонад ва онҳо мекӯшанд, ки мақоми шоистаи ин донишманди беназирро ба таври бояду шояд ба ояндагону равандагон муаррифӣ намоянд.

# ШУҲРАТИ ҶАҲОНИИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Осори пурғановат ва пурарзиши илмии академик Бобоҷон Ғафуров ва фаъолияти пурҷӯшу хурӯш, хастагинопазир ва пурсамари ӯ дар мақоми сарвари бузургтарин маркази ховаршиносии ҷаҳон - Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ ИҶШС, ки ба рушди илми ховаршиносии шӯравӣ ва ҷаҳонӣ, таҳким ва густариши равобити илмӣ бо ховаршиносони кишварҳои гуногун равона шуда буд, дар бисёр мамолики хориҷӣ боиси эътироф ва эҳтироми умум гашта буд.





**Шавкат ШАРИФОВ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсенти ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, узви Анҷумани ховаршиносони ИҶШС ва Тоҷикистон**

Академик Бобоҷон Ғафуров узви ифтихорӣ ва доктори фахрии як зумра анҷуманҳои бонуфузи илмӣ ва донишгоҳҳои машҳури кишварҳои хориҷӣ интихоб гашта буд.

*Соли 1966 Б. Ғафуров узви кумитаи Конгресси байналхалқии эроншиносон (Эрон) интихоб мегардад. Моҳи августи соли 1966 дар Теҳрон Конгресси байналхалқии эроншинсон баргузор гардида, ҳайати олимони шӯравиро, ки ба он академикҳои АИ Озорбойҷон А. Ализода, А. Сумбатзода, узви вобастаи АИ ИҶШС М. Н. Боголюбов, узви вобастаи АИ Тоҷикистон И. С. Брагинский, профессорон Н. Болдирев, Ш. Шоҳмуҳаммадов шомил буданд, ховаршиноси маъруфи тоҷик, академик Абдулғанӣ Мирзоев сарварӣ менамуд.*

Дар ҷаласаи навбатии конгресс қарор дода шуд, ки комитети доимии Конгресси байналхалқии эроншиносон таъсис дода шавад, ки ба ҳайати он 10 нафар олимони эронӣ ва 16 нафар эроншиносони хориҷӣ, аз ҷумла, аз Иттиҳоди Шӯравӣ директори Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ ИҶШС Бобоҷон Ғафуров ва профессори Донишгоҳи давлатии Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) А. Н. Болдирев пазируфта шуданд.

*Соли 1967 Бобоҷон Ғафуров узви ифтихории Анҷумани ховаршиносони Лаҳистон (Полша) интихоб гардид. Анҷумани мазкур соли 1922 таъсис шуда, он ба таҳқиқу омӯзиши кишварҳои Шарқ машғул аст ва "Маҷаллаи Анҷумани ховаршиносон"-ро интишор менамояд.*

Соли 1968 Бобоҷон Ғафуров узви Шӯро оид ба равобити фарҳангии Ҳиндустон интихоб мегардад. Шӯро соли 1950 таъсис ёфта, кароргоҳи он дар Деҳлӣ, шуъбаҳои он дар Бомбай, Калкутта, Мадрас фаъолият доранд. Аз соли 1965 сар карда аз ҷониби Шӯро Ҷоизаи байналхалқии ба номи Ҷавоҳирлал Неҳру барои таҳкими сулҳ, ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстии байни халқҳои кишварҳои гуногун бо мардуми Ҳинд супорида мешавад. Бобоҷон Ғафуров соли 1968 барандаи ин ҷоиза гардид. Ҷоиза аз 2,5 млн рупия маблағ, медали тилло ва диплом иборат буд. Б. Ғафуров маблағи ҷоизаро ба яке аз мактаб-парваришгоҳҳои Ҳиндустон тақдим менамояд.

28-уми марти соли 1970 Шӯрои олимони Донишгоҳи исломии Олигарҳи Ҳиндустон ба Бобоҷон Ғафуров дараҷаи доктори фахриро сазовор донист. Донишгоҳи мазкур соли 1918 таъсис ёфта, яке аз донишгоҳҳои бузургтарин ва бонуфуз махсуб меёбад.

*Соли 1971 Бобоҷон Ғафуров узви Анҷумани Осиёи Париж (Фаронса) интихоб мегардад. Анҷуман соли 1922 таъсис ёфта, қароргоҳи он дар Париж мебошад.*

Соли 1972 Бобоҷон Ғафуров раиси Комитети шӯравии Ҷоизаи байналхалқии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ интихоб мегардад. Ҷоизаи якҷояи ИҶШС ва Эрон ба муносибати 50-солагии баркарор шудани равобити дипломатии ин ду кишвар таъсис дода шуда, дар ду сол як маротиба барои таҳқиқотҳои пурарзиш дар соҳаи адабиёт ва санъат аз ҷониби Комитети шӯравӣ-эронӣ супорида мешуд. Ба барандагони ҷоиза диплом ва маблағ дар ҳаҷми 1000 сӯми шӯравӣ ба шаҳрвандони Эрон ва 86 ҳазор риёл ба шаҳрвандони шӯравӣ тақдим мегардид.

*Соли 1972 Бобоҷон Ғафуров узви ифтихории Комитети байналхалқӣ оид ба интишори асарҳо бахшида ба 2500-солагии давлати Эрон интихоб шуда буд.*

Соли 1972 Бобоҷон Ғафуров бо медали ҷашнии "50-солагии Инқилоби халқии Муғулистон", ки бо қарори Хурали Бузурги (парлумони) Муғулистон таъсис шуда, бо он шаҳрвандони ин мамлакат ва хориҷа барои хизматҳои бузург дар рушди Муғулистон ва таҳкими равобити дӯстӣ, ҳамкорӣ миёни ин кишвар ва давлатҳои хориҷа тақдир карда мешуданд, сазовор гардид.

Соли 1973 Бобоҷон Ғафуров президенти Анҷумани байналхалқии омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ интихоб гардид. Қароргоҳи анҷуман дар Париж буд. Дар охири соли 1966 дар иҷлосияи XVI Конфронси генералии ЮНЕСКО бо ташаббуси Бобоҷон Ғафуров лоиҳаи нави илмӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ ворид карда шуд, ки доираи таҳқиқот аз лиҳози ҷуғрофӣ собиқ ҷумҳуриҳои шӯравии Осиёи Марказӣ, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон, Муғулистонро дар бар гирифта, дар доираи ин лоиҳа чандин конфронсҳо, симпозиумҳои байналхалқии ЮНЕСКО оид ба таърих, археология, фарҳанг, тамаддун, санъат, таърихи илм, фалсафа дар Душанбе, Самарқанд, Кобул, Деҳлӣ, Улан-Батор баргузор гаштанд. Тобистони соли 1973 дар Париж Ҷаласаи машваратӣ баргузор гашта, Анҷумани омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ ба таври расмӣ соли 1974 таъсис ёфт ва Бобоҷон Ғафуров президенти он интихоб гардид. Анҷуман дар Исломобод (Покистон) маҷаллаи худро бо номи "Маҷаллаи Осиёи Марказӣ" ба забони англисӣ нашр мекард. Пас аз даргузашти Бобоҷон Ғафуров соли 1977, академик Муҳаммад Осимӣ президенти анҷуман интихоб гардид. Яке аз дастовардҳои бузурги ин анҷуман ва татбики лоиҳаи он нашри асари шашҷилдаи "Таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ", "Таърихи илми Осиёи Марказӣ" дар чор ҷилд ба забони англисӣ дар Париж буд.

*Соли 1974 Бобоҷон Ғафуров узви ифтихории Академияи илмҳо ва санъати Босния Герсоговина (собиқ Югославия), ки соли 1966 дар шаҳри Сараево таъсис ёфта буд, интихоб гардид.*

Соли 1974 Бобоҷон Ғафуров барои хизматҳои бузургаш дар рушди илм, фарҳанг, хосатан эроншиносӣ ва таҳкими равобити илмӣ миёни олимони шӯравӣ ва эронӣ моҳи январи соли 1974 ба дараҷаи доктори фахрии Донишгоҳи Теҳрон сазовор гардида, маросими супоридани он 4-уми июли соли 1974 дар Сафорати Эрон дар Маскав баргузор гардид.

Худи ҳамон сол (1974) Бобоҷон Ғафуров узви ифтихории Анҷумани Осиё дар Калкута (Ҳиндустон) интихоб шуд. Анҷуман соли 1784 таъсис шуда, ба омӯхтани масъалаҳои таърих, санъат, илм, адабиёти мамолики Осиё машғул аст ва ҳар сол чор шумораи "Маҷаллаи Анҷумани Осиё"-ро нашр менамояд.

*Соли 1975 Бобоҷон Ғафуров бо ордени Байраки сурхи меҳнати Ҷумҳурии мардумии Муғулистон, ки аз лиҳози мақом дуюмин мукофоти олии давлатии ин кишвар ба ҳисоб меравад, барои хизматҳои шоён дар таҳкими равобити дӯстӣ, ҳамкорӣ миёни Муғулистон ва ИҶШС мукофотонида шуд.*

Соли 1976 Бобоҷон Ғафуров узви ифтихории Анҷумани ховаршиносони ба номи Ҷома де Кёрёши Академияи илмҳои Маҷористон (Венгрия) интихоб шуд.

*Соли 1976 Бобоҷон Ғафуров ба муносибати 25-солагии ҳаракати ҷонибдорони сулҳ бо медали тиллои ҷашнии Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ барои иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳкими сулҳу дӯстӣ миёни мардумони ҷаҳон қадршиносӣ гардид.*

Ҳамчунин, Бобоҷон Ғафуров барои хизматҳои арзанда дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии Тоҷикистон, фаъолияти пурсамари ҳизбию давлатӣ шаш карат бо мукофоти олии давраи шӯравӣ - ордени Ленин (солҳои 1944, 1946, 1948, 1949, 1954, 1957), барои хизматҳои бузург дар рушди илми ховаршиносии шӯравӣ бо ордени Байрақи сурхи меҳнат (1968), Ордени Инқилоби Октябр (соли 1975), бо медали "Барои меҳнати шуҷоатнок дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945" (соли 1945) ва медали ҷашнию Комитети шӯравии дифои сулҳ ба муносибати 25-солагии ҳаракати ҷонибдорони сулҳ (соли 1969) сарфароз гардида буд.

*Соли 1976 бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ба Бобоҷон Ғафуров унвони ифтихории "Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон" дода мешавад.*

Бобоҷон Ғафуров чандин карат (солҳои 1938-1958) вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, вакили Шӯрои Олии ИҶШС даъватҳои II-III, VI-VII, узви КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (солҳои 1941-1956), узви КМ ҲКИШ (1952-1961) интихоб гашта буд.

Барои хизматҳои бузург ва фидокориҳо дар поягузории истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ, инкишофи тамаддун ва худшиносии миллӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 8-уми сентябри соли 1977 ба Бобоҷон Ғафуров унвони олии "Қаҳрамони Тоҷикистон" дода шуд. Мукофоти аз ҳама олӣ барои Бобоҷон Ғафуров ҷун фарзанди фарзонаи миллат абадан ҷой ёфтан дар қалбу дидаи мардуми тоҷик ба ҳисоб мерафт, ки ӯро дар домани худ парварида ва ба воя расонидааст.

# ЯК ҶУМЛАИ САРНАВИШТСОЗ



Бобоҷон Ғафурович... Вақте ин номро ба забон меорам, симои ин шахсияти бароям азиз пеши назар меояд. Одами ҷиддӣ буданд, кам табассум мекарданд, вале қалби поку меҳрубон доштанд. Ҳамеша дар фикри мардум буданд ва моро ҳам талқин мекарданд, ки дар ҳама ҳолат дар паҳлуи халқ бошем. Ман ифтихор мекунам, ки кадри Ғафуров ҳастам.

Чун дар арафаи мавлуди аллома Бобоҷон Ғафуров қарор дорем, чанд хотиротамро дар бораи эшон ба ёд меорам.

Фаъолияти кории ман бо оғоз шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуд. Соли 1941 маро ба шуъбаи комсомоли Комитети партиявии (КП) вилояти Кӯлоб ба кор гирифтанд. Соли 1947 бошад, мудири шуъбаи кор бо занони вилоят таъйин шудам. Дар ин давра Бобоҷон Ғафурович дар Кумитаи марказӣ кор мекарданд ва албатта бо номи эшон шинос будам. Соли 1950 бори аввал ва соли 1952 маротибаи дувум барои таҳсил ба Мактаби олии ҳизбӣ ба Маскав фириста шудам. Ана дар ҳамин солҳо бо Бобоҷон Ғафурович бештар шиносоӣ пайдо кардам. Аниқтараш, эшон ҳамеша дар фикри ман будаанд...

Соли 1953 дар Маскав таҳсил мекардам, ки маро ба сафорат ҷеғ зада, гуфтанд, ки шуморо Бобоҷон Ғафуров суроғ мекунад. Ман аз шарм ё тарс ба ин вохӯрӣ нарафтам.

Бегоҳи он рӯз Маҳмадсаидов - сафири Тоҷикистон дар Маскав омада, маро барои сарпечӣ аз даъват сарзаниш кард ва ба мошинаш савор карда, ба сафорат бурд. Аммо Бобоҷон Ғафуров ба ким-кадом вохӯрӣ банд шудаву маро Назаршо Додхудоев ва Алиқул Имомов қабул карданд.

- Шумо имсол таҳсилро тамом мекунед. Дар Кумитаи марказӣ (КМ) маслиҳат шуд, ки шумо ба сифати мудири шуъбаи занони ҷумҳурӣ ба Душанбе меоед. Ғафуров ҳам розигии худро доданд,- гуфт Додхудоев.

Ман дар ҳайрат мондам, зеро ҳанӯз таҳсил ба анҷом нарасида буд. Бо вуҷуди ин, то охир ба касе чизе нагуфтам. Таҳсил тамом шуду ба Душанбе ва аз он ҷо рост ба Кӯлоб рафтам. Аммо ҳанӯз либосҳоямро накашида, ронандаи ҳукумат омад: «Нина Зариповна, вас ждёт Гафуров в Душанбе»...

Бо ҳамон либосҳоям ба мошин савор шуда, ба Душанбе омадам ва яке аз котибони партиявӣ Алиқул Имомов маро қабул карда, дар мавриди вазифаи ояндаам бо ман суҳбат орост. Ман гуфтам, ки мехоҳам дар Кӯлоб бимонам.

- Кӯлобатонро барҳам медиҳем,- ба зарда гуфт Алиқул Имомович.

- Барҳам диҳед, районаш мемонад ку,- чизе илова карданӣ будам, ки эшон гӯш накарда, гапамро бุриданд.

- Ҳозир ба назди Бобоҷон Ғафурович меравем, ин гапҳоро дар он ҷо нагӯед,- ҷиддӣ ишора кард Имомов ва маро ба назди Котиби аввали Кумитаи марказии Ҳизби коммунист Бобоҷон Ғафурович Ғафуров бурд.

Ғафуров ҳам вазифаи навро ба ман пешниҳод карданд.

- Агар шумо ба ман боварӣ доред, ман розиям,- посух додам ман.

Бобоҷон Ғафурович каме табассум карда, пурсиданд:

- Ягон камбудӣ надоред?

- Ҳамин рӯз аз Маскав баргашта, ҳоло модару фарзандонамро надидаам, ба ман рухсат диҳед, ки ба деҳа баргардам,- хоҳиш кардам ман.

Ғафуров бо табассум гуфтанд:

- Майлаш, ба шумо даҳ рӯз командировка, мошину ронанда медиҳем. Кӯлоб раведу истироҳат кунед. Фақат гоҳ-гоҳ ба саҳро, ба назди мардум бароед, то онҳо донанд, ки шумо мудири шуъбаи Комитети марказӣ ҳастед.

Чунин шахси меҳрубон буданд Бобоҷон Ғафурович. Эшон дар сарнавшти ман нақши калон доранд. Агар он кас намешуданд, шояд ман ҳанӯз дар ҷавонӣ аз сиёсат канор мерафтам.

Дар ҳаёти оилаи мо як лаҳзаи ҳасос фаро расид. Номи бародарони шавҳари ман доғдор шуд. Шавҳарам Зуҳуршо Раҳматуллоев котиби якуми Обком-партия ва бародараш котиби дуюм Горком-партияи Шӯрообод буданд. Онҳоро дар Пленуми КМ, ки бо роҳбарии Бобоҷон Ғафуров мегузашт, муҳокима карданд. Як нафар аз толор садо баланд кард:

- Чаро нисбати Зарифова чора намебинед?

Ғафуров асабӣ шуда, гуфтанд:

- Причем тут Зарипова? Она же совсем чужая...

Ҳамин тавр, ман наҷот ёфтам, аммо катераи сиёсии шавҳарам ба охир расид. Агар он рӯз Ғафуров намешуданд, шояд ман ҳам аз корҳои партиявӣ бартараф мешудам.

Бобоҷон Ғафурович ба ҷавонон, аз ҷумла ба ман зиёд таваҷҷуҳ мекарданд. Он кас кадршинос буданд.

Вақте Ғафуров аз вазифаи Котиби якуми КМ ҲК канор рафта, ба Институти шарқшиносӣ рафтанд, дастур додаанд, ки хонаашон ба ман дода шавад.

- Зарифова ҷавон, вайро дастгирӣ кардан лозим,- гуфтаанд эшон.

Ҳамин тавр ҳам шуд ва ман ба ҳавлии Ғафуров кӯчидам. Ҳавлӣ ниҳоят калон буд, боғи зебо ва дар мурғхонааш 50 мурғ дошт. Гап дар сари он, ки Бобоҷон Ғафурович бемор буданд ва фақат таоми парҳезӣ мехӯрданд. Бинобар ин, дар ҳавлиашон мурғ доштанд. Ба ҳар куҷо, ки мерафтанд, хӯрокашонро бо худ мебурданд. Хулоса, ин мурғҳо ҳам ба ман расиданд...

Имрӯзҳо дар мавриди чаро аз вазифаи роҳбарии давлат ба Институт рафтани Ғафуров гапҳои ҳархела ҳастанд. Аммо ман гумон мекунам, ки барои Бобоҷон Ғафурович ин вазифа баландтар ва муҳимтар буд, зеро корҳои роҳбариву партиявӣ як тараф, аммо кори эҷодиву илмӣ аз ҳама баландтар аст.

Бобоҷон Ғафурович дар илм шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаву дар ҳамон замон обрӯйи мо буданд. Дар Тоҷикистон ягон ташаббус бе маслиҳати Ғафуров гирифта намешуд. Ҳар гоҳ Маскав равам, ҳамеша аз ҳолашон хабар мегирифтам.

Як маротиба ба наздашон даромадам, ки телефон дар гӯшашон ба шифт нигариста, паст-пастак «да», «ладно», «уже», «нет» ва ҳамин гуна кӯтоҳ ҳарф мезаданд.

Баъди гӯширо гузоштан шӯхиомез пурсидам:

- Бобоҷон Ғафурович, ин чӣ хел дар телефон гап задан? Чаро ба шифт нигоҳ мекунед?

Эшон табассум карда, бо ангушташон ба боло ишора карданд. Яъне, “девор муш, муш гӯш дорад”.

Ғафуров маданияти баланд доштанд, ки дар каси дигар набуд. Вақте эшон бемор шуда, ба Душанбе баргаштанд, бо Маҳмадулло Холов барои дидорбинӣ рафтем. Вақте ёрдамчиашон даромада, гуфт, ки Зарифова ба аёдат омадааст, эшон дастур медиҳанд: «Приведите меня в порядок, чтобы даму встречать»...

Мо дар берун мунтазир шудем, эшон ришашонро тарошида, шиму костюм пӯшида, баъдан моро пешвоз гирифтанд.

Он рӯз суҳбати хубе доштем. Эшон таърихи таъсиси Тоҷикистон, қаҳрамониҳои Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Нусратулло Махсум ва дигар қаҳрамонон ва хиёнатҳои Абдулло Раҳимбоев, Файзулло Хоҷаев барин инсонҳоро ба мо нақл карданд.

Баъди чанд рӯз Бобоҷон Ғафуров аз олам даргузаштанд. Мувофиқи васияташон, эшонро дар Боғи устод Айнӣ ба хок супоридем...

Ёдашон ба хайр, ин марди бузургро!


**Низорамоҳ ЗАРИФОВА,**
**Ходими давлативу ҷамъиятӣ**




## «ТОҶИКОН» ДАР ҲАР ХОНАДОН

Фарзанди барӯманди халқи тоҷик Бобоҷон Ғафуров дар радифи маъруфтарин донишмандони ҷаҳонӣ мақоми шоиста дошта, дар таърихи илм ва тамаддуни башарӣ мероси гаронбаҳо боқӣ гузоштааст.

Дар тӯли фаъолияти бисёрсолаю пурсамари илмию тадқиқотиаш беш аз 400 китобу рисола ва мақолоти пурарзиш таълиф намудааст. Муҳимтарин таълифоти Бобоҷон Ғафуров шоҳасари ӯ “Тоҷикон” мебошад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ раҳмон онро шиносномаи халқи тоҷик унвон кардаанд. Воқеан, ин шоҳасари безавол ҳуҷҷати қадимӣ, фарҳангсоз ва тамаддунофари халқи тоҷик аст.

Бинобар ин, ба шарафи 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як оилаи ватанамон туҳфа гардидани китоби “Тоҷикон”, ба тасвиб расидани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.07.2022 дар бораи эълони озмуни ҷумҳуриявии ““Тоҷикон”- оинаи таърихи миллат” ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар соли 2023 тадбири муҳим ва саривақтӣ мебошад, ки аз файзи хираду фарҳангдӯстии Пешвои муаззами миллат бармеояд. Зеро шинохти “Тоҷикон” барои баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии насли ҷавон муҳим мебошад.


**Фирдавс МАЮНУСОВ,**
**Директори генералии**
**Ҷамъияти саҳомии**
**пӯшидаи «Ҳумо»**